*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №39-40 (2866-2867) | ҶУМЪА, 6 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Карим Оғохони IV

**4 апрели соли ҷорӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Пешвои исмоилиёни ҷаҳон Карим Оғохони IV-ро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба рӯзгори исмоилиёни Тоҷикистон ва ҳолати кунунию дурнамои рушди ҳамкорӣ бо Созмони Оғохон оид ба рушд баррасӣ шуд.

Карим Оғохони IV аз расман сабти ном шудани Маркази фарҳангии исмоилия дар шаҳри Душанбе ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон арзи сипос намуда, ин амалро нишонаи возеҳи озодии дину эътиқод ва таҳаммулпазирӣ дар Тоҷикистон маънидод кард.

Ҷонибҳо аз натиҷаҳо ва мӯҳтавои ҳамкории бисёрсола, аз ҷумла доир ба ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сершумори Тоҷикистон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, обрасонӣ, энергетика ва бунёди роҳу пулҳои мошингард изҳори қаноатмандӣ карда, ҳамзамон густариши бештари робитаҳои судбахшро зарур донистанд.

«Аксари лоиҳаҳои Тоҷикистон, ки бо ҷалби сармоягузорӣ аз ҷониби Созмони Оғохон оид ба рушд амалӣ шудаанд ва ё татбиқашон идома дорад, дорои аҳамияти минтақавӣ мебошанд, аз ҷумла ба нафъи мардуми Афғонистон ва дигар кишварҳои минтақа низ хизмат мекунанд»,- таъкид гардид зимни сӯҳбат.

Ҳар ду ҷониб ҳавасмандии устувори худро ба густариши минбаъдаи ҳамкорӣ таъкид намуданд.

*АМИТ «Ховар»*

## Қарори Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи даъвати Ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

Мутобиқи қисми сеюми моддаи 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 20 апрели соли 2012, соати $9^{00}$ дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 3 апрели соли 2012 №2**

● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

## Истихроҷу истифодаи ангишт ва таъмини амнияти нақлиётиро қонунҳои мукаммал вусъат мебахшанд

**4 апрели соли ҷорӣ таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**



Доир ба рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ»**

**4. Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар бораи шартҳои будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи доир намудани муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012».**

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Маҳмадраҳим Каримов дода мешавад.



**Маҳмадраҳим КАРИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Шабдолов, М. Каримов, М. Нозимов ва И. Талбаков пешниҳод шуда буд, мавриди баррасии шумо қарор дорад.

Зарурати таҳияи қонуни мазкур аз талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи иқтисодии кишвар, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба сӯзишворию барқ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ бармеояд.

Ҳанӯз 30 апрели соли 2007 Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дастур дода буд: «Бо назардошти захираҳои бойи ангишти мамлакат, ки 4,5 миллиард тоннаро ташкил медиҳад ва имкониятҳои ба истифодаи ангишт гузаронидани марказҳои гармидиҳӣ, баъзе корхонаҳо ва таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ бо истифодаи ангишт мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шаванд».

Вале дар ин соҳа шояд аз мавҷуд набудани қонуни мукаммал то ҳол корҳо ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, ки мутаассифона, натиҷаи онро имрӯз ҳамагон дида истодаем.

Аз камчинии маводи сӯхт ба муҳити зист, махсусан дарахтзорону буттазорҳо таъсири номатлуб расонида шуда истодааст, ки оид ба ин масъала дар вохӯриҳо интихобкунандагон ба вакилон изҳори нигаронӣ менамуданд.

Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба ин соҳа хеле кам буда, сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ҳам ба ин соҳаи ҳаётан муҳим ҳавасмандӣ зоҳир намекунанд.

Тайи солҳои 2009-2010 ба ҳисоби миёна ҳар соле бештар аз 240,0 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шудааст, ки он ба ҳар сари аҳолӣ қариб 30 килограммӣ рост меояд, ки ин хеле ночиз мебошад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар мувофиқа бо стандартҳои байналмилалӣ бо мақсади ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ таҳия шуда, ба рушди соҳаи ангишт заминаи боэътимод гузошта, имконият фароҳам меорад, ки рушди Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар ояндаи наздик таъмин карда шавад.

Инчунин қабули қонуни мазкур имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти босамари саноати ангишт таъмин гардида, бо истифода аз он кори мунтазами корхонаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ба роҳ монда шаванд. Истифодаи самараноки ангишт барои сарфаи миқдори зиёди қувваи барқ ва ҳифзи табиат мусоидат намуда, ангишти коксшаванда барои рушди саноати металлургӣ ва истеҳсоли оҳану чӯян аз конҳои дохилӣ асоси боэътимод мегузорад.

Дар баробари ин, дар асоси рушди ин соҳа ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд омада, теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ коҳиш ёфта, сатҳи зиндагии мардум беҳтар хоҳад шуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур роҳбарият ва мутахассисони Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, ба сифати аъзои гурӯҳи корӣ таклифу дархостҳои мушаххас пешниҳод намуданд, ки аксарияти онҳо ба лоиҳа ворид шуд. Бо истифода аз фурсат, аз номи муаллифон ба онҳо барои ҳамкории судманд изҳори миннатдорӣ менамоям.

**(Идома дар саҳ. 3)**

## Ба Сарвари давлат гузориш доданд

**4 апрели соли ҷорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон раисони шаҳру ноҳияҳои Фархор, Данғара, Ёвон, Бохтар, Вахш, Хуросон, Ҷалолиддини Румӣ, Қумсангир,Ҷиликӯл, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Сарбанд доир ба рафти киштукори баҳорӣ, бунёди боғҳо, ҷамъбасти семоҳаи аввали соли равон ва умури ободонию созандагӣ телефонӣ гузориш доданд.**

Зимни сӯҳбати телефонӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба онҳо доир ба тезонидани суръати киштукори баҳорӣ, аз ҷумла кишти пахта ва сабзавот, бунёди боғу токзори нав ва барқарорсозии боғоти кӯҳна, таъмини кори бемонеаи пойгоҳҳои барқии обкашӣ ва шабакаҳои обрасонӣ, хуб ба роҳ мондани маъракаи наслгирӣ аз чорво ва вусъати ободонию созандагӣ супоришҳои мушаххас дод.

Дастуру ҳидоятҳо ҳамчунин доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар семоҳаи аввали соли равон, иҷрои нақшаи даромад ба буҷетҳои маҳаллиу ҷумҳуриявӣ, муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ ва омодагии ҷиддӣ ба зимистони оянда дода шуд.

*АМИТ «Ховар»*

**5 апрели соли 2012 ба Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон раисони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мӯъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Темурмалик, Исфара, Конибодом, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ телефонӣ ҳисобот доданд.**

Роҳбарони шаҳру ноҳияҳои мазкур доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти иқтисодию молиявӣ дар семоҳаи аввали соли равон, рафти киштукори баҳорӣ, рафъи оқибатҳои обхезию дигар офатҳои табиӣ ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ ҳисобот доданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сӯҳбати телефонӣ ба онҳо доир ба тезонидани киштукори сабзавот, пахта ва дигар зироат, вусъат додани ниҳолшинонӣ ва таъмини кишоварзон бо техника, сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ супоришҳои мушаххас дод. Таъкид гардид, ки барои аз истифодаи кишоварзӣ дур намондани заминҳои корам аз ҳар рӯзи офтобӣ бояд пурсамар баҳрабардорӣ намуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба рафъи оқибатҳои офатҳои табиии рухдода ва ҳолатҳои эҳтимолии фавқулоддаи оянда зоҳир гардид. Дастур дода шуд, ки барои ҳифзи мардум аз хавфи фуруд омадани ярчу тарма, обхезӣ, боронҳои селу жола ва дигар офатҳои табиӣ омодагии ҷиддӣ бинанд.

*www.prezident.tj*

## Маҳмадсаид Убайдуллоев Митрополит Викентийро ба ҳузур пазируфт

**4 апрели соли 2012 Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев Митрополит Викентий- сардори ҳавзаи Осиёимиёнагии Метрополити Калисои православии русро, ки дар зимн Сафири Фавқулодда ва Мухтори Федератсияи Россия дар Тоҷикистон Юрий Попов ӯро ҳамроҳӣ мекард, ба ҳузур пазируфт.**

Зимни мулоқот Маҳмадсаид Убайдуллоев Метрополит Викентийро, ки ҳамзамон садорати Метрополити Калисои православии рус дар Душанбе ва Тоҷикистонро ба ӯҳда дорад, бобати таъин шуданаш ба ин вазифа самимона шодбош намуда, изҳори боварӣ кард, ки идомаи фаъолияти ӯ дар ин вазифа баҳри таҳкими фазои ҳамзистии осоиштаи мӯътақидони дини насронӣ ва кулли пайравони дину мазҳабҳои гуногун, ки дар Душанбе - дорандаи Ҷоизаи шаҳри Сулҳи ЮНЕСКО иқомат доранд, мусоидати бештар менамояд.

Метрополит Викентий аз пазироӣ ва мӯҳтавои сӯҳбати анҷомгирифта бо Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев изҳори сипос намуда, афзуд, ки ҷониби ӯ тамоми зарфиятҳояшро баҳри густаришу тақвияти ҳамзистии осоиштаи пайравони дини насронӣ бо дигар намояндагони таркиби иҷтимоию адёнии шаҳри Душанбе ва кишвари Тоҷикистон сафарбар хоҳад кард.

***Ш.САИДОВ,***
***котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

## Масъалаҳои вобаста ба интихобот баррасӣ шуданд

**Ҷоруми апрели соли 2012 дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Комиссия Шермуҳаммад Шоҳиён ҷаласаи навбатӣ баргузор гардид.**

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

1.Дар бораи таъин намудани интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4.

2.Дар бораи Нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ доир ба тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4.

Шермуҳаммад Шоҳиён иброз намуд, ки дар Иҷлосияи навбатии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 марти соли 2012 ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4 Саидов Нуриддин бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш қатъ гардид. Бинобар ин, тибқи талаботи моддаи 57-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сурати пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи нав дар муддати се моҳи баъди қатъ гардидани ваколати онҳо гузаронида мешавад. Интихобот аз тарафи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ камаш ду моҳ пеш аз гузаронидани интихобот таъин карда мешавад.

Лоиҳаи қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4» пешниҳод шуд. Лоиҳаи қарор баррасӣ ва қарор қабул гардид.

Дар асоси қарори мазкур, интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4 ба рӯзи 9 июни соли 2012 таъин карда шуд.

Сипас, муҳокимаи масъалаи дуюм оғоз гардид. Муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозимҷон Нидоев аъзои комиссияро бо Нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ доир ба тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4 шинос намуд.

Иҷрои саривақтии Нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ зери назорат гирифта мешавад, то ин ки интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муташаккилона, озод ва шаффофу демократӣ баргузор гардад.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов М.С.**

Мутобиқи моддаи 51 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 7 қисми якуми моддаи 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Матлубхон Султонович, бинобар ишғоли вазифае, ки ба ваколати узви Маҷлиси миллӣ мувофиқ нест, пеш аз мӯҳлат қатъ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №265**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Давлатов М.С.**

Мутобиқи моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатов Матлубхон Султонович бо сабаби қатъ гардидани ваколаташ аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №266**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Н.С.**

Мутобиқи моддаи 51 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 7 қисми якуми моддаи 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Нуриддин Саидович, бинобар ишғоли вазифае, ки ба ваколати узви Маҷлиси миллӣ мувофиқ нест, пеш аз мӯҳлат қатъ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №267**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Саидов Н.С.**

Мутобиқи моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидов Нуриддин Саидович бо сабаби қатъ гардидани ваколаташ аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №268**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба ташкил намудани деҳоти Ваҳдати ноҳияи Тавилдара**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара «Оид ба ташкил намудани деҳоти Ваҳдати ноҳияи Тавилдара» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Дар ҳайати ноҳияи Тавилдара аз ҳисоби хурд намудани деҳоти Сангвор деҳоти Ваҳдат бо маркази маъмурӣ дар деҳаи Лоҷург ташкил карда шавад.
2. Ба ҳайати деҳоти Ваҳдат деҳаҳои Ғовд, Алисурхон, Нусонӣ, Лангар, Лоҷург, Сарха, Хубон, Сангвор, Найгуфт, Сикад, Роға, Арзинг дохил карда шуда, онҳо мутобиқан аз ҳайати деҳоти Сангвор бароварда шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №307**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия**

Мутобиқи моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Тағоев Саймурод раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №310**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ**

Мутобиқи моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №309**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи интихоби узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдураҳмонов Саидумрон Назарович узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №311**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ҳисор**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҳисор «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳия» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

**Номи деҳоти Хонақоҳ ба деҳоти Сомон, деҳоти Қарамқул ба деҳоти ба номи Мирзо Турсунзода ва номи деҳаҳои зерини ноҳияи Ҳисор:**

деҳаи Якуми Май ба деҳаи Чашмаи Моҳиёни деҳоти Ҳисор
деҳаи Оқулии боло ба деҳаи Сарчашмаи деҳоти Ҳисор
деҳаи Оқулии поён ба деҳаи Сайёди деҳоти Ҳисор
деҳаи Заря-Востока ба деҳаи Хушманзари деҳоти Ҳисор
деҳаи Қизилқишлоқ ба деҳаи ба номи Мавлоншарифи деҳоти Ҳисор
деҳаи Ҷарак ба деҳаи Сафобахши шаҳраки Шарора
деҳаи Қарапичоқ ба деҳаи Ниёгони деҳоти Дурбат
деҳаи Учкул ба деҳаи Зартеппаи деҳоти Дурбат
деҳаи Бесимас ба деҳаи Аминиёни деҳоти Деҳқонобод
деҳаи Булоқчинор ба деҳаи Чилчинори деҳоти Деҳқонобод
деҳаи Қулмунда ба деҳаи Мӯъминободи деҳоти Деҳқонобод
деҳаи Роҳи Ленин ба деҳаи Шодмони деҳоти Деҳқонобод
деҳаи Чептӯраи боло ба деҳаи Гулрези деҳоти Хонақоҳ
деҳаи Бешбулоқ ба деҳаи Чашмасори деҳоти Хонақоҳ
деҳаи Шӯроби поён ба деҳаи Нурафшони деҳоти Хонақоҳ
деҳаи Тула ба деҳаи Боғистони деҳоти Хонақоҳ
деҳаи Чағатай ба деҳаи Суғдиёни деҳоти Алмосӣ
деҳаи Узунохӯр ба деҳаи Лолазори деҳоти Алмосӣ
деҳаи Тошбулоқ ба деҳаи Сангчашмаи деҳоти Алмосӣ
деҳаи Келитош ба деҳаи Ободдараи деҳоти Алмосӣ
деҳаи Булоқсайидон ба деҳаи Сайидони деҳоти Алмосӣ
деҳаи Ҳофизқишлоқ ба деҳаи Ҳофизкадаи деҳоти Алмосӣ
деҳаи Наврӯзбулоқ ба деҳаи Наврӯзии деҳоти Алмосӣ
деҳаи Қарахонӣ ба деҳаи Гули Сурхи деҳоти Алмосӣ
деҳаи Қипчоқ ба деҳаи Меҳргони деҳоти Хонақоҳи Кӯҳӣ
деҳаи Хелисой ба деҳаи Лабисойи деҳоти Хонақоҳи Кӯҳӣ
деҳаи Ҷиндара ба деҳаи Гулдараи деҳоти Хонақоҳи Кӯҳӣ
деҳаи Давлатманқа ба деҳаи Ҳамдилони деҳоти Навобод
деҳаи Киров ба деҳаи Себистони деҳоти Навобод
деҳаи Қизил-Юлдуз ба деҳаи Ситораи деҳоти Навобод
деҳаи Болшевик ба деҳаи Ҳосилоти деҳоти Мирзо Ризо
деҳаи Қарамқул ба деҳаи Меҳрободи деҳоти Қарамқул
деҳаи Умакай ба деҳаи Кишоварзи деҳоти Қарамқул
деҳаи Комсомол ба деҳаи Даҳбеди деҳоти Қарамқул
деҳаи Янгиобод ба деҳаи Намунаи деҳоти Қарамқул
деҳаи Правда ба деҳаи Чаманзори деҳоти Қарамқул
деҳаи Аскари Сурх ба деҳаи Саховати деҳоти Қарамқул
деҳаи Октябр ба деҳаи Равшандилони деҳоти Қарамқул
деҳаи Сотсиализм ба деҳаи Садоқати деҳоти Қарамқул
деҳаи Умакайи боло ба деҳаи Ҳалқадашти деҳоти Қарамқул
деҳаи Қайрағоч ба деҳаи Хайрободи деҳоти Қарамқул
деҳаи Авзикенги боло ба деҳаи Ҳакимии деҳоти Қарамқул
деҳаи Авзикенг ба деҳаи Баракати деҳоти Қарамқул
деҳаи Ҷартеппа ба деҳаи Ҳалқаруди деҳоти Ориён
деҳаи Ҷетиқир ба деҳаи Ҳафттеппаи деҳоти Ориён
деҳаи Ҷӯчалӣ ба деҳаи Гулистони деҳоти Ориён

тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №306**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи интихоби машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 16 ва 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунад:**

Машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати зерин интихоб карда шаванд:

1. Абдуваҳобова Зарофат
2. Абдуллоев Хурсандулло Нуриллоевич
3. Абдуллоев Муслиҳиддин Вайсиддинович
4. Абдуллоев Маҳмадшо Мирзохонович
5. Абдулмаҷидзода Абдурасул
6. Абдураҳмонов Абдуразоқ Каримович
7. Абдураҳмонов Бегиҷон Абдулманонович
8. Абдуразоқов Абдуҳалим Абдуғаниевич
9. Абдуҷаборов Ҳусенбой
10. Азамов Аслан Абдуллоевич
11. Акбаров Фарҳодҷон Юсуфҷонович
12. Акрамов Раҷабалӣ
13. Алимов Бахром Бобониёзович
14. Алиев Умаралӣ Саидович
15. Алиев Нурулло Қосимович
16. Аминов Азим Муҳамедович
17. Асадуллоев Ҷамшед Неъматович
18. Асоев Талабшо Боронович
19. Асроров Саидҷафар Абдураҳмонович
20. Аҳророва Робия Турабоевна
21. Бадалов Фаррух Қаҳрамонович
22. Бароталиев Абдулазиз Нематович
23. Бафоев Муродалӣ Садуллоевич
24. Бегаков Умедҷон Маҳмадҷонович
25. Бердиев Фирдавс Намозович
26. Бобоев Абдулло Бобоевич
27. Бобокалонов Маҳинбек Туғабекович
28. Бобохонов Мирзохон Почохонович
29. Бобохонов Абдукарим Эшонқулович
30. Бозоров Юсуф Бозорович
31. Бозоров Фаридун Отахонович
32. Бозоров Эмомалӣ Раҷабалиевич
33. Бозоров Носир Қодирович
34. Бураков Аҳлиддин Раҳимович
35. Вазиров Амирҷон Катаевич
36. Ватанов Мансур Зуҳурович
37. Ватанов Хушдил Алихмадович
38. Гадоев Диловаршо Нуралиевич
39. Гримбеков Раҳмиддин Дониёрович
40. Гулов Амирхон Турахонович
41. Гулмамадова Дурсилтон Хушназаровна
42. Ғаниев Рауфҷон Раҳимович
43. Ғафоров Сияр Калугович
44. Ғиёсов Наҷмиддин Абдуқудусович
45. Ғуломалиев Раббӣ Мадиевич
46. Давлатқадамов Саодатқадам
47. Давлатов Шарофиддин Қарихолович
48. Давлатов Абдураҳмон
49. Давлатов Динмуҳаммад Нурматович
50. Давлатов Ҷамшед Муҳамадҷонович
51. Давлатов Сулаймон Аҳтамович
52. Давлятова Шаъноз Мероваршоевна
53. Дадабоева Нодира Музаффаровна
54. Дориев Абдуғафор
55. Ёров Диловаршоҳ Шералиевич
56. Ёриев Амирбек
57. Зайнидинов Ҳукмидин Сафаралиевич
58. Изатов Сабзалӣ Давлаталиевич
59. Имомов Шарифхуҷа Миралиевич
60. Исматов Ҳамза Шамсуллоевич
61. Исмоилова Мавлуда
62. Кабиров Назрулло Бегакович
63. Каримов Неъмат
64. Каримов Саидикром Саидяхёевич
65. Каримов Сангинмурод Мирзоевич
66. Каримов Қурбонҷон Пулодҷонович
67. Қадамов Ислом Муборакшоевич
68. Қодиров Шодибег Шарифович
69. Қодиров Иброҳим Давлаталиевич
70. Қодиров Ҷурабег Шарифович
71. Қосимов Сафӣ Ёриевич
72. Қосимов Рустам
73. Қосимов Одилҷон Бобомуродович
74. Қурбонова Соҷида Ҳамидовна
75. Қурбонов Мирхон
76. Қурбонов Ислом Анварович
77. Қурбонов Комилҷон Самадович
78. Қурбонов Файзидин Файзалиевич
79. Лутфуллоев Бахтиёр Валиалоевич
80. Мадҷонов Савридин Сайфидинович
81. Масумов Диловар Маруфович
82. Маҳмадзиёев Хуршедҷон Маҳмадкаримович
83. Маҳмамадов Дарвозихон Аброрович
84. Меликов Вайсиддин Сарабегович
85. Миралиев Абдусалом Мустафоевич
86. Мирзоев Ниёзмаҳмад Савзаалиевич
87. Мирзоев Абдулваҳоб Азизович
88. Мирзоев Ҳасан
89. Моёншоев Аёз Гулаёзович
90. Моёнов Шариф Гулмамадович
91. Муминҷонов Суҳайлӣ Аҳмадҷонович
92. Муродов Бахтиёр Баҳромович
93. Муродов Собирҷон Қурбонович
94. Мусоев Ширинқул Ибодуллоевич
95. Мустонова Шоира Қурбоналиевна
96. Муқимов Муборхӯҷа Сулаймонович
97. Муҳаббатов Қурбоналӣ Абдулхаевич
98. Муҳамадиев Нурулло Насруллоевич
99. Муҳидинов Сайҳофиз Қурбоналиевич
100. Муҳаммадзода Шамсуллои Насрулло
101. Набиев Маҳадулло Ҳисайнович
102. Набиев Сироҷиддин Зуҳурович
103. Назаров Комил Облобердиевич
104. Насриддинов Фирӯзҷон Бабаевич
105. Начидуллоев Диловар Бафоевич
106. Наҷмудинов Абдуғафор Суфиевич
107. Неъматов Қурбоналӣ Саидакбарович
108. Неъматов Исмоил Мирзоалиевич
109. Ниёзов Умедҷон Давлаҳмадович
110. Низомов Джамшед Салоҳович
111. Ноёфтов Фарҳодиддин
112. Норқулов Ҳамроқул Ҳоҷиевич
113. Норқулов Умед Ҳамроқулович
114. Носиров Баҳодур Азимович
115. Носиров Суҳроб Абдулмуминович
116. Нуров Раҳмуддин Анварович
117. Нуров Ермаҳмад Гулмаҳмадович
118. Обидов Олимҷон Муйдинович
119. Одинаев Нурулло Ҳайтмуродович
120. Олимов Фируз Саидмуродович
121. Олимшоев Абдусамад
122. Рауфов Шарифбег Шодмонович
123. Раҳматов Даврон Назаралиевич
124. Раҳимов Сайвалӣ Давлатович
125. Раҳимов Нуридин Наъимович
126. Раҳимов Орзу Давлатхоҷаевич
127. Раҳмонов Амонулло Саъдуллоевич
128. Раҷабов Абдулсаид
129. Раҷабов Бахром Ҳамидович
130. Раҷабов Мирраҳим Муқимович
131. Раҷабов Мукум Рауфович
132. Раҷабов Тоҳир Сайфиддинович
133. Сабурова Хосият Аҳмадовна
134. Садуллоев Шамсулло Самандарович
135. Саидов Давлат
136. Саидов Ҷаббор Зубайдович
137. Саидов Баҳром Баротович
138. Саидов Саидмумин Шомаҳмадович
139. Саидова Рӯзигул
140. Сайфуллоев Убайдулло Ҷунайдович
141. Саломов Рустам Ғафорович
142. Сангинмуродов Лутфулло Султонович
143. Сангинов Маҳмадрасул Муллоевич
144. Сангов Шуҳрат Самадович
145. Сафаров Шариф Миронбекович
146. Сафарова Мавлюда
147. Сафаров Ҷаъфар Абдуллоевич
148. Сафаров Иқбол Давлатович
149. Сафаров Шамсулло Ҳабибович
150. Сафаров Фирдавс Мирсиддиқович
151. Сафолов Маҳманабӣ
152. Сиддиқов Зафарҷон Каримович
153. Ситамов Салимхоҷа Ҳасанович
154. Собиров Мирзоалӣ Юнусович
155. Содиқова Меҳрубону Раҳмоналиевна
156. Солиҳов Наврӯзалӣ Мардонович
157. Солиҳов Ҷамшед Сатторович
158. Сониев Ҷумахон Раҳматович
159. Сулаймонов Бобохон
160. Тешаев Атоҷон Манонович
161. Тошматова Раъно Олимқуловна
162. Тураев Баҳром Бердиевич
163. Убайдов Абдулфатоҳ Буриевич
164. Умурзоқов Одилҷон Ёқубович
165. Усмонов Маҳмадраҷаб Бобокалонович
166. Файзов Ёрмаҳмад
167. Файзуллобеков Қиёбек
168. Хидиров Астонақул Мустафоевич
169. Холов Баҳодур Тагаевич
170. Холов Сафаралӣ Розибекович
171. Холбобоева Ҷонона Ҳайдаровна
172. Хоҷаев Тоҷиддин Зоирович
173. Хоҷаназаров Муродҷон Қуралович
174. Ҳайдаров Шоҳаҳмад Рустамович
175. Ҳамдамов Бахтиёр Самадович
176. Ҳамзаева Фирӯза Султанхоновна
177. Ҳамидов Суҳроб Абдулвоҳидович
178. Ҳамидов Садулло
179. Ҳамидов Одилбек Анварбекович
180. Ҳакимов Муҳаммадзоҳиршоҳ Юсуфович
181. Ҳасанов Муҳибулло Қурбонович
182. Ҳошимов Насим Мирзобобоевич
183. Ҳусайнов Ҷаъмахон Орифович
184. Ҷаборов Фазилҷон Раҷабалиевич
185. Ҷаборов Файзулло Нуруллоевич
186. Ҷалолов Асадулло Абдуалиевич
187. Ҷалолов Ислом Икромидинович
188. Ҷалолов Сафар Толибович
189. Ҷумаев Зафарҷон Маҳмадович
190. Ҷураева Заррина Кличевна
191. Ҷураев Рустамбой Боймуродович
192. Шамсов Хизматулло Амирхонович
193. Шамсов Рустам Шамсович
194. Шарипова Наргис Мирзодавлатовна
195. Шарипов Ҳабибулло Ватанович
196. Шарипов Ғайрат Давлатович
197. Шарипов Маҳмаёқуб Сайнимонович
198. Шарипов Маҳмадаюб Сайнимонович
199. Шарипов Ҷамшед Раҳмоналиевич
200. Шарипов Лутфулло Бегович
201. Шарипов Зиёдулло Ватанович
202. Шарипов Назрулло Ҷамшедхонович
203. Шарипов Умед Муминович
204. Шарифов Хайрулло Азизович
205. Шокирова Малоҳат Ризоқуловна
206. Шоев Амиршо Зоғович
207. Шукуров Суҳбат Ибрагимович
208. Шукуров Абдуаҳад Абдураҳибович
209. Юсупов Рустам Файзуллоевич
210. Юсупов Подавон Асомидинович

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №308**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи интихоби узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Тавакалов Абдуҷон Шарифович узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №312**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон мувофиқи лоиҳаи замимагардида тағйир дода шуда, ҳудуди он дар масоҳати 2568,15 (ду ҳазору панҷсаду шасту ҳашту аз сад понздаҳ) гектар муқаррар карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №303**

# Қарори
## Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи таъин намудани интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4**

Мутобиқи моддаи 57 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4 ба рӯзи 9 июни соли 2012 таъин карда шавад.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот**
**ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ШОҲИЁН**

**Котиби Комиссияи марказии интихобот**
**ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон В. НАИМОВА**
**ш.Душанбе, 4 апрели соли 2012 №8**

(Идома аз саҳ. 1)

Бинобар он ки лоиҳаи қонуни мазкур ва тавзеҳномаи муфассали он дар дасти шумо ҳаст, такрори онро зарур намешуморам.

Бо мақсади иҷрои Дастури Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Зуҳуров Шукурҷон Зуҳурович, ки дар Шӯрои Маҷлиси намояндагон зикр карда буданд, муаллифон якҷоя бо Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳияи санадҳои зерқонунӣ ва низомномаҳо оғоз намуданд. Аз ин рӯ, итминони комил дорем, ки он дар татбиқи муваффақонаи қонуни мазкур мусоидат менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надошта, аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад, баръакс барои ғанӣ гардидани буҷети он дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

Аз ин хотир, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ дода мешавад.



**Гул ШЕРАЛӢ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Зарурияти таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» аз талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ, яъне ба истиқлолияти энергетикӣ ва тақозои иқтисодиёти кишвар, инчунин аҳолӣ бо сӯзишворию барқ, бармеояд.

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»-ро ки бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2011 таҳти №668 барои додани хулоса ба Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд, баррасӣ намуда, хулоса ва пешниҳоди худро барои ҷамъбаст ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2011 ирсол намуда буд.

Дар баробари ин, мутахассисони вазорат якҷоя бо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 30 августи соли 2011 таҳти №420 оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» ҳаматарафа баррасӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои худро доир ба ҳар боб ва моддаҳои лоиҳаи қонуни мазкур иловатан пешниҳод намуданд, ки дар натиҷа ба лоиҳаи қонун тағйирот ва иловаҳо ворид шуд.

Қонуни мазкур дар навбати аввал 5 боб ва 31 моддаро дар бар мегирифт, ҳангоми баррасии якҷояи вакилон ва мутахассисони вазорат 8 моддаи он кам карда шуд.

Боби 1-ум аз 3 модда иборат буда, мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ангишт ва доираи амали қонуни мазкурро дар бар мегирад.

Боби 2-юм аз 8 модда иборат буда, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро оид ба сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими давлатӣ, барномаҳои мақсадноки рушд ва таҷдиди соҳа, ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳа, тартиб ва ташкили дастгирии молиявии соҳа, мутобиқати сифати ангишт аз рӯйи стандарту меъёрҳои техникӣ, баҳисобгирии истихроҷ, талабот оид ба истифодабарии ангиштро муайян менамояд.

Боби 3-юм аз 3 модда иборат буда, таъмини бехатарии корҳо, хизматрасонии садамавию наҷотдиҳӣ, ҳифзи меҳнат ва назорати истеҳсолотро дар бар мегирад.

Боби 4-ум аз 7 модда иборат буда, хусусиятҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии кормандонеро, ки ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари дар соҳаи ангишт машғуланд, муайян менамояд.

# Истихроҷу истифодаи ангишт ва таъмини амнияти нақлиётиро қонунҳои мукаммал вусъат мебахшанд

Боби 5-ум муқаррароти хотимавӣ буда, риояи талаботи қонуни мазкур ва тартиби ба амал баровардани онро дар бар мегирад.

Қабули қонуни мазкур имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти босамари соҳаи саноати ангишт таъмин гардад ва бо истифода аз он кори мунтазами ташкилотҳои ангиштистеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда ба роҳ монда шавад. Истифодаи самараноки ангишт барои сарфа намудани қувваи барқ ва ҳифзи табиат мусоидат намуда, ҷолиб гаштани фазои сармоягузориро таъмин намуда, барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ шароит фароҳам меоварад.

Бинобар ин, қонуни мазкур барои таҳияи ҳуҷҷатҳои зерин имконият медиҳад:

1. Дастурамал оид ба истифодаи мақсадноки маблағҳо, дастгирии давлатии молиявии ташкилотҳои ангишт
2. Низомнома дар бораи тартиби коркарди конҳои ангишт ва ӯҳдадориҳои ташкилотҳои соҳаи ангишт
3. Пешниҳоди номгӯйи конҳои ангишти дорои аҳамияти стратегӣ
4. Барномаҳои мақсадноки рушд ва таҷдиди соҳаи ангишт
5. Дастурамал дар бораи ба ҳисоб гирифтани истихроҷ, захира ва истифодаи ангишт дар шахта
6. Барнома оид ба дастгирии иҷтимоии кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт.

Таҳия, қабул ва татбиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида барои рушди соҳаи саноати ангишт саривақтӣ мебошад.

Аз шумо хоҳиш менамоям, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»-ро дастгирӣ намоед.

**Сӯҳроб ШАРИПОВ:** - Мехостам донам, ки чаро давоми даҳ соли охир Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон маркази барқу гармидиҳӣ бунёд накардааст? Ҳол он ки бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Халқии Хитой шартнома баста шуда буд. Чунин марказҳоро имкон буд, ки тайи мӯҳлати зикршуда на танҳо дар пойтахти кишвар, балки дар ди-



гар шаҳру ноҳияҳо бунёд намуда, ба ин васила шиддати норасоии нерӯи баркро паст созем. Мутаассифона, дар ин ҷода аз ҷониби вазорати номбурда иқдоми назаррасе амалӣ нагаштааст.

**Гул ШЕРАЛӢ:**- Бояд гӯям, ки бунёди иншооти энергетикӣ ва таъмини барқ ҳамеша дар маркази диққати Роҳбари давлат қарор дорад. Бастани созишнома маънои онро надорад, ки он дар як муддати кӯтоҳ татбиқ мегардад. Табиист, ки барои ин вақт лозим аст ва дар ин самт кор бурда истодаем. Вобаста ба бунёди Маркази барқу гармидиҳӣ бо иқтидори 270 мегаватт дар шаҳри Душанбе бо ширкати ТБА-и Ҷумҳурии Халқии Хитой шартнома дорем. Барои сари вақт оғоз наёфтани сохтмони ин иншоот дар баробари камбудиҳои вазорат дигар идораҳо низ чандон фаъол нестанд. Сарфи назар аз ин омил мо дар ин ҷода корҳои зиёдеро ба сомон расонида, ба наздикӣ лоиҳаи қарорро барои гирифтани иҷозатнома ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудем. Ҳамчунин дар шаҳри Душанбе макони истиқомат барои кормандони ширкати ТБА-и Ҷумҳурии Халқии Хитой омода шудааст. Боварии комил дорам, ки дар ояндаи наздик сохтмон шурӯъ хоҳад гашт. Гуфтан бамаврид аст, ки байни шаҳрҳои Конибодом ва Исфара низ бунёди чунин марказ бо иқтидори 300 мегаватт ба нақша гирифта шуда, корҳои ибтидоӣ ҷараён доранд. Ҷоиз ба зикр аст, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ 269 нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамчунин соли гузашта 2,5 ҳазор батареяҳои офтобӣ дастрас ва тариқи кӯмаки бебозгашт ба ноҳияҳои ВМКБ ва дигар ноҳияҳои дурдасти мамлакат тақсим шуд. НБО-и «Сангтӯда - 1» бо иқтидори 670 мегаватт ва агрегати якуми НБО-и «Сангтӯда - 2» бо иқтидори 110 мегаватт мавриди истифода қарор гирифта, дар ғановати нерӯи барқ саҳмгузоранд.

Айни замон бошад, асосноккунии техникии як силсила нерӯгоҳ – НБО -и «Шӯроб» бо иқтидори қариб 1000 мегаватт, НБО-и «Айнӣ» бо иқтидори 160 мегаватт, НБО-и «Оббурдон» бо иқтидори 130 мегаватт, НБО-и «Нуробод-1» ва «Нуробод-2» бо иқтидори 350 мегаватт ва ғайра босуръат идома дорад. Дар сурати пайдо шудани сармоя сохтмони онҳо низ шурӯъ хоҳад шуд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар ин ҷода фақат Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул нест ва сохторҳои марбута низ бояд фаъолияташонро вусъат бахшанд.



**Исмоил ТАЛБАКОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Таҳия ва баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» дар шароити хеле мураккаби иқтисодӣ дар кишвари мо ва умуман дар ҷаҳони муосир гузашта истодааст. Чӣ тавре ки маърӯзачиёни пешин зикр намуданд, масъалаи истифодаи ангишт ҳамчун манбаи асосии маводи сӯхт ва истеҳсоли нерӯи барқ дар иқтисодиёти миллӣ мушкилоти аз ҳарвақта дида актуалӣ буд ва мемонад.

Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромадҳо ва панҷ сол пеш дар Паёми худ оид ба истифодаи самараноки ангишт барои рушди босуботи иқтисодиёти кишвар масъалагузорӣ намуда буд. Мутаассифона, то имрӯз ҳалли ин масъала суст мавриди амал қарор мегирад, чунки дар ин соҳа қонуни мукаммали танзимкунанда вуҷуд надошт. Кор ба ҷое расид, ки дар баъзе минтақаҳо зимистони имсол нархи як кило ангишт ба нархи як кило орд баробар шуд.

Вобаста ба ин, мо, муаллифон, тибқи нақшаи корӣ бо истифода аз ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонуни мазкурро таҳия намудем.

Боиси сипосгузорӣ ва қаноатмандист, ки ташаббуси мазкур аз ҷониби роҳбарияти Маҷлиси намояндагон, вакилон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, имрӯз лоиҳаи қонун мавриди баррасӣ қарор дорад.

Дар лоиҳа асосан оид ба истифодаи самараноки ангишт, принсип ва сохтори ташкилотҳои соҳаи ангишт, салоҳияти мақомоти ваколатдор ва дигар мақомотҳои марбутаи соҳа, инчунин муҳайё сохтани шароити корӣ, фаъолияти кормандон, дастгирии иҷтимоӣ, таъмини бехатарӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Барои ҷалби бештари сармояи дохилӣ ва хориҷӣ низ меъёри танзимкунанда муқаррар шудааст.

Ҳамаи пешниҳодҳо аз тарафи гурӯҳи корӣ дар мувофиқа бо муаллифон асоснок карда шуда, ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ ба лоиҳа ворид карда шуданд.

Тавре зикр шуд, қонуни мазкур моро водор месозад, ки бо мақомоти ваколатдор дар таҳияи санадҳои зерқонунӣ ҳамкорӣ дошта бошем.

Бинобар он ки қабули қонуни мазкур дар арафаи таҳияи Паёми навбатии Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, пешниҳод менамоем, ки барои ба он дохил намудани дастур оид ба рушд ва самаранок истифодабарии ангишт вобаста ба масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирад.

Пеш аз ҳама дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин таҳия ва қабули барномаи махсус оид ба рушд, истихроҷ ва истифодабарии ангишт дар сатҳи минтақаҳо ва ҷумҳурӣ ба манфиати кор хоҳад буд. Дар он махсусан диққати асосӣ ба ташкили инфрасохтор ва коммуникатсияи он дода шавад, чунки қисми зиёди захираҳои ангишт дар шароити мураккаби ҷуғрофӣ қарор доранд. Иҷрои онро ба зиммаи роҳбарони аввали мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии соҳаи бонкию молиявӣ ва сармоягузорӣ гузоштан мувофиқи мақсад мебошад.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» ва дигар қонунҳои соҳаи сохтмон тағйиру иловаҳо ворид карда шавад, то ин ки дар вақти лоиҳакашӣ, сохтмон ва қабули биною иншоот, насби батареяҳои офтобӣ ва дегхонаҳои (котельный) бо ангишт гармкунанда барои таъмини гармӣ меъёри асосӣ муқаррар гардад. Солҳои пеш қувваи барқ пурра мерасид, лекин тамоми биною иншоотҳо, муассисаҳои соҳаи маорифу тандурустӣ, манзилҳои истиқоматӣ дегхонаҳои бо ангишт коркунандаи худро доштанд. Барқарор намудани ҳамон дегхонаҳо бо технологияи замонавӣ имконият медиҳад, ки аз буғи истеҳсолшуда барои эҳтиёҷот нерӯи барқ ва ҳам гармӣ истеҳсол карда шавад. Бо ин роҳ дар муддатҳои кӯтоҳтарин имконияти сарфа намудани 50-60 фоизи нерӯи барқ пайдо хоҳад шуд.

Ба корхонаҳое, ки бо истифодаи ангишт гузаронида мешаванд, дар давоми аз як то се сол пешниҳоди имтиёзҳои ҳавасмандкунии андозӣ дар давраи таҷдид ва воридоти таҷҳизоти зарурӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Таъсиси ситоди умумиҷумҳуриявӣ барои рушд ва истифодаи самараноки ангишт метавонад ҳавасмандӣ, масъулият ва ташаббуси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба ин масъала ҳамаҷониба дастгирӣ намояд ва барои бартарафсозии монеаҳои пешомада мусоидат кунад.

Дар ин ҷода ҳама амалҳои бюрократии шахсони масъул, ки монеаҳо эҷод намуда, оид ба истифодаи самараноки ангишт бетафовутӣ зоҳир менамоянд, сахт маҳкум карда шавад. Чунки дар воҳӯриҳо мо шоҳиди он гаштаем, ки корхонаҳое мавҷуданд, ки аллакай ба истифодаи ангишт гузаштаанд, вале барои ба фаъолият шурӯъ намудани онҳо баъзе роҳбарон ва мутасаддиёни мақомоти дахлдор ҳавасмандӣ зоҳир накарда, иҷозат намедиҳанд.

Ҳуҷҷатгузориҳо оид ба иҷозатдиҳӣ, санҷишӣ, хулосадиҳӣ дар давраи лоиҳакашӣ, сохтмон ва қабули иншооти бо ангишт фаъолияткунанда бештар содда карданро тақозо дорад. Ҳар чӣ бештар ташвиқу тарғиб намудани таҷрибаи пешқадам дар ин соҳа тавассути воситаҳои ахбори омма низ метавонад ҷараёни истифодаи самараноки ангиштро тезонад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.



**Маҳмадшариф ҲАКДОДОВ: - Вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Пешниҳод ва имрӯз мавриди муҳокима қарор доштани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур дар шароити имрӯзаи кишвар на танҳо аҳамияти калони иқтисодӣ, балки аҳамияти иҷтимоӣ низ дорад. Чунки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида, пеш аз ҳама заминаи ҳуқуқиро ҷиҳати васеъ истифода бурдани ангишт, ки захирааш зиёда аз 5 млрд. тоннаро ташкил медиҳад, таъмин менамояд.

Дар самти истифодаи васеи ангишт дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ҳаминро мехоҳам зикр намоям, ки истифодаи алтернативии сӯзишвории аз ангишт ҳосилшаванда аҳамияти калони иқтисодӣ дорад. Дар Вазорати энергетика ва саноати ҷумҳурӣ истифодаи сӯзишвории ангишти оболуда ва брикетҳои ангиштӣ ба роҳ монда шудааст. Барои ҳамин зарур аст, ки дар дигар бахшҳо низ аз намудҳои сӯзишвории аз ангишт ҳосилшаванда, ба монанди гази генератор, сӯзишвории моеъи синтетикӣ ва ғайра бо истифода аз техникаю технологияи пешрафта, албатта, бо риояи талаботи ҳифзи муҳити зист, васеъ ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, истифодаи васеи ангишт дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва аҳолӣ имконият медиҳад, ки шиддати сарбории мавҷуда дар системаи энергетикаи барқӣ паст карда шавад ва аз ин ҳисоб таъмини аҳолӣ бо барқ беҳтар гардонда шавад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Давлаталӣ ДАВЛАТЗОДА: - Мӯҳтарам Раис, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳае, ки имрӯз дар баррасии мову шумо қарор дорад, қонуни хеле зарур ва саривақтӣ мебошад.

Боварӣ дорам, ки қабули қонуни мазкур барои пешрафту инкишофи соҳаи коркарду истихроҷи саноати ангишт мусоидат менамояд.



Айни замон ман мехостам диққати шуморо ба баъзе нуқсонҳои лоиҳа ҷалб намоям, ки бартараф кардани ин камбудиҳо мазмуну моҳияти қонунро боз ҳам беҳтар мекунаду қонунро мукаммалтар месозад. Ман моддаи 11-уми қонунро дар назар дорам, ки дар он талаботу ӯҳдадориҳо дар назди истеъмолкунандагони ангишт ҳасту вале истеҳсолкунандагон аз масъулият озод ҳастанд.

Чунин ҳолат ба чӣ оварда мерасонад, ман дар мисоли коркарди кони ангишти Зиддӣ ноҳияи Варзоб гуфта метавонам.

Кони ангишти Зиддӣ ҳанӯз аз даврони шӯравӣ бо усули шахта коркард мешуд ва табиист, ки он ба муҳити зисти ин мавзеъ таъсири манфӣ надошт. Аммо солҳои охир ширкатҳое, ки бо коркарду истихроҷи ангишт дар кони мазкур машғуланд, роҳҳои осону арзон, яъне роҳи истихроҷи кушодаи ин конро пеш гирифтаанд. Қабати болоии хок гирифта, ба дарё партофта мешаваду ангишт истеҳсол карда мешавад.

Ин тартиби кор ба он оварда расонд, ки садҳо гектар замини чарогоҳ аз байн бурда шуд ва ҳазорон нафар сокинони Ҷамоати деҳоти Зиддии ноҳияи Варзоб аз манбаи асосии зисту зиндагии худ, яъне чорводорӣ маҳрум шуданд. Аз ҷониби дигар, хокаи ангишт бо обу лой ба дарёи Варзоб рехта, барои ҳама сокинони поёноб, аз ҷумла шаҳри Душанбе, об заҳролуд мешавад.

Мутаассифона, чунин ҳолат имрӯзҳо на танҳо дар кони ангишти Зиддӣ, балки дар конҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Рашт ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ дида мешавад. Бинобар ин, ман таклиф дорам, ки дар қонун талаботу ӯҳдадориҳо нисбати истеҳсолкунандагон равшану возеҳ навишта шавад. Дар моддаи 11-ум банди 5 ӯҳдадориҳои истеъмолкунандагон ҳатто дар мавриди истифодаи ангишт дар оташдон гуфта шудааст, вале дар бораи масъулияти истеҳсолкунанда чизе нест. Вобаста ба ин ду таклиф дорам. Якум – коркард ва истеҳсоли ангишт бо усули шахта ба роҳ монда шуда, дуюм заминҳои чарогоҳи халқ ба ҳолати аввала баргардонида шаванд. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ин талабот дар қонун дарҷ шаванд.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Масъалаи истихроҷу истифодаи самараноки ангишт, ба назари ман, масъалаи муҳими умумимиллӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷониби намояндагони 4 ҳизби сиёсӣ пешниҳод гардидани лоиҳаи қонуни мазкур низ далели гуфтаи болост. Айни замон рақобат дар бозори энергетикӣ хеле шадид гардидааст ва онро дар мисоли воқеаҳои охир мушоҳида намуда истодаем. Маҳз дар ҳамин айём пешниҳод шудани ин лоиҳа хеле муҳиму саривақтист. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки истифодаи самараноки ангишт боиси пешрафти бемайлони бахши саноати як қатор мамлакатҳо шудааст. Дар ин ҷода таҷрибаи Англия ҷоиз ба ёдоварист, ки маҳз дар заминаи истифодаи мақсадноки ангишт бахши саноат ба таҳаввулоти



назаррасро ноил гашта, ҷиҳати ба давлати мутараққӣ табдил ёфтани он саҳми босазо гузоштааст.

Вобаста ба эроди вакил Давлаталӣ Давлатзода бобати муайян набудани ӯҳдадориҳои истеҳсолкунандагон бояд гӯям, ки ин масъала зимни таҳияи лоиҳаи қонун аз мадди назари мо дур намондааст. Бо ин масъала зимни муҳокимаи парламентӣ дигар вакилон низ дахл намуда буданд. Вале сухан сари он аст, ки агар дар лоиҳаи қонун талабот нисбат ба истеҳсолкунандагонро дарҷ намоем он ба дастурамал монанд мешавад. Масъалаи зикршуда бошад тариқи маҷмӯъӣ дар қисми 1-и моддаи 1-уми лоиҳаи қонун инъикоси худро ёфтааст.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда ва боб ба боб ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**-Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» сухан ба вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низом Ҳакимов дода мешавад.

**Низом ҲАКИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони арҷманд!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» бо мақсади таъмини амнияти нақлиётӣ, фаъолияти устувор ва бехатарии маҷмӯи нақлиёт, ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат дар соҳаи нақлиёт аз кирдорҳои дахолати ғайриқонунӣ таҳия гардидааст.

Зарурати қабули қонуни мазкур бо як қатор омилҳо асоснок мегардад. Яке аз омилҳои асосӣ ин таҳдидҳои террористӣ мебошанд, ки хатари онҳо барои объектҳои маҷмааи нақлиётӣ бо назардошти воқеоти солҳои охири минтақа ва ҷаҳон якбора афзудааст. Амалҳои террористии соли 2001 -ум дар ИМА, аз ҷумлаи онҳост. Дар маҷмӯъ, ин ҳодисаҳо собит намуданд, ки системаи мавҷудаи чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарӣ дар нақлиёт дар аксари давлатҳои мутараққӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, ИМА, Испания ва ғайра нокифоя мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нокифоягии ин чорабиниҳо ҷой дорад.



Омили муҳими дигар, характери иҷтимоию иқтисодӣ дошта, зарурати татбиқи талаботи байналмилалӣ дар соҳаи иштироки бехатар ва рақобатпазири интиқолдиҳандагони тоҷикро дар бозори ҷаҳонии ҳамлу нақли бору мусофирон шарти ҳатмӣ муқаррар менамояд.

Албатта, дар қонунгузории ҷорӣ, аз ҷумла Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақлиёт», Оинномаи нақлиёти роҳи оҳан ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалаҳои ҷудогона вобаста ба таъмини бехатарӣ дар нақлиёт дарҷ гардидаанд. Аммо дар баробари ин, системаи ягонаи давлатии таъмини бехатарӣ дар нақлиёт вуҷуд надошта, меъёрҳои бо санадҳои мавҷуда пешбинишуда ба характер ва сатҳи таҳдидҳои мавҷуда дар ин самт мувофиқат намекунанд.

Бо назардошти риоя кардани тавозуни манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат, қонуният, масъулияти мутабодили манфиатҳои шахсият, бефосилагӣ, интегратсия ба низоми байналмилалии амният, ҳамкории субъектҳои инфраструктураи нақлиёт, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ баҳри татбиқи ҳадафҳои зерин нигаронида шудааст:

1) Танзими ҳуқуқӣ- меъёрӣ дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ (дар асоси қонуни зикргардида таҳия ва тасдиқ намудани дигар асноди зерқонунӣ, ки таъмини амнияти нақлиётиро ба танзим медарорад);

2) Муайян намудани таҳдидҳо оид ба анҷом додани кирдорҳои дахолати ғайриқонунӣ (амали зиддиҳуқуқӣ (беамалӣ зоҳир намудан), аз он ҷумла амали террористӣ, ки ба фаъолияти бехатари маҷмӯи нақлиёт таҳдид намуда, мумкин аст, ки сабабгори зарар расонидан ба ҳаёт ва саломатии одамон, зарари моддӣ овардан ва ё боиси эҷод намудани оғози чунин оқибатҳо гардад);

3) Баҳо додани ҷойҳои нозуки (пул ва накбҳо, фурудгоҳҳо, ҷойҳои ҷамъшавии воситаҳои нақлиёт ва ғайра) объектҳои инфраструктураи нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт (муайян намудани дараҷаи ҳимоя шудани объектҳои инфраструктураи нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз таҳдид);

4) Ба гурӯҳҳо тақсим кардани объектҳои инфраструктураи нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт (мансуб донистани онҳо ба гурӯҳҳои муайян бо назардошти дараҷаи таҳдиди анҷом додани кирдори дахолати ғайриқонунӣ ва оқибатҳои эҳтимолии он);

5) Таҳия ва татбиқи талабот оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ (татбиқи маҷмӯи тадбирҳои аз ҷониби давлат муайяншудаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайра дар соҳаи маҷмӯи нақлиёт, ки ба таҳдидҳои анҷом додани кирдорҳои дахолати ғайриқонунӣ мутобиқат мекунанд);

7) Тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ;

8) Тафтиш ва назорат бурдан дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ;

9) Таъмини иттилоотӣ, моддӣ-техникӣ ва илмӣ- техникии амнияти нақлиётӣ (таъсиси базаи автоматикунонидашудаи мутамаркази маълумоти шахсӣ дар бораи мусофирон дар ҳар як намуди нақлиёт ва дигар иттилооти зарурӣ, ки баҳри таъмини бехатарӣ зарур аст).

Дар маҷмӯъ, лоиҳаи қонуни мазкур маҳз барои таъмини амнияти нақлиётӣ, хусусан пешгирӣ намудани ҳар гуна зуҳуроти номатлуб (аз ҷумла террористӣ) дар нақлиёт таҳия гардидааст.

Бо назардошти ин лоиҳаи қонуни мазкурро саривақтӣ ва қабули онро мувофиқи мақсад медонем.

Аз ин лиҳоз, вакилони мӯҳтарам, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**-Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амир Катаев дода мешавад.

**Амир КАТАЕВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст ва бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012 таҳти №1016 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси



намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» аз се боб ва 15 модда иборат буда, бо мақсади таъмини амнияти нақлиётӣ ва бехатарӣ, фаъолияти устувор, инчунин ҳимояи манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат дар маҷмӯи (комплекси) нақлиёт аз амалҳои дахолати ғайриқонунӣ пешгирӣ намудани ҳар гуна зуҳуроти номатлуб таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур барои татбиқи талабот ва вазифаҳо оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ, маҷмӯи тадбирҳои аз ҷониби давлат муайяншудаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайра дар маҷмӯи нақлиёт барои фаъолияти устувори системаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ»-ро дар маҷмӯъ ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати такмили он ба кумитаи масъул зиёда аз 49 пешниҳод ирсол намуданд, ки онҳо дар мувофиқа бо намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳа ворид карда шудаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда ва боб ба боб ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» сухан ба вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов дода мешавад.



**Маҳмадамин МАҲМАДАМИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010 таҳти №595 (бо назардошти тағйироти воридшуда мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 25 марти соли 2011 таҳти №708) ва Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» дар асоси моддаи 17 қонуни мазкур таҳия шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятии байни субъектҳои нафақаи иҷтимоӣ дар қисмати робитаи мустақими андозаи нафақаҳои суғуртавии таъиншуда аз давраи иштироки шахсони суғурташуда дар низоми суғуртаи нафақавиро пешбинӣ менамояд.

Айни замон ҳуҷҷати асосии меъёрии батанзимдароварандаи муносибатҳои ҷамъиятии байни субъектҳои суғуртаи иҷтимоӣ, ин Низомнома дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 1999 таҳти №26 тасдиқ шудааст. Низомномаи мазкур мақоми санади зерқонуниро дорад, ки масъалаҳои мазкурро пурра танзим карда наметавонад.

(Идома дар саҳ. 4)

# Истихроҷу истифодаи ангишт ва таъмини амнияти нақлиётиро қонунҳои мукаммал вусъат мебахшанд

(Идома аз саҳ. 1, 3)

Аз ин лиҳоз, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби ташкили инфиродии баҳисобгирии маълумотро дар бораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Лоиҳаи қонуни мазкур муқарраroти зеринро пешбинӣ менамояд:

-мувофиқати низоми нафақавии давлатӣ ба шароити бозори озод;

-ташкили вобастагии андозаи нафақаи суғуртавӣ аз давраи иштирок дар низом ва пардохти саҳмҳои нафақавӣ;

-фароҳам овардани шароит барои пешгӯии дақиқи тағйироти теъдоди аҳолии машғули кор ва нафақахӯрон дар кишвар ҷиҳати пардохти нафақа бо назорати иловагӣ аз ҷониби шахсони суғурташуда;

-амалӣ намудани назорати фаврӣ барои сари вақт, дуруст ҳисобӣ намудан ва пардохти пурраи саҳмҳои нафақавӣ;

-бартараф намудани омилҳое, ки корфармо ва худи корманд барои махфӣ нигоҳдории даромад аз ҳисобӣ намудани саҳмҳои нафақавӣ бояд манфиатдор бошанд;

-муайян намудани мазмун ва сохтори ҳисобномаҳои шахсии инфиродӣ;

-ба мақомоти давлатӣ додани ҳуқуқи муҷозоти корфармоён барои пешниҳод накардани маълумоти инфиродӣ дар бораи музди меҳнат ва собиқаи суғуртавӣ ҳангоми таъини он;

-таъмини шаффофияти гузаштани пардохтҳои суғуртавӣ;

-содда намудани тартиб ва мӯҳлати таъини нафақа ба шахсони суғурташуда.

Айни ҳол давоми семоҳаи якуми соли 2012 аз ҷониби Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 50828 шахсони ҳуқуқӣ, 916617 шахсони воқеӣ ва 65514 соҳибкорони инфиродӣ дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ба қайд гирифта шуда, ба онҳо шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бо рақами инфиродии суғуртавӣ дода шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Аз шумо хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:**-Сухан аз рӯйи ин масъала ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сабоҳат Муқумова дода мешавад.



**Сабоҳат МУҚУМОВА:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012 таҳти №1018 барои хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмӯъ дастгирӣ намуда, ҷиҳати мукаммал намудани он 72 таклифу дархост пешниҳод намуданд.

9 марти соли ҷорӣ лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо иштироки намояндагони кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ 60 таклиф қабул, ҳашт таклиф қисман қабул ва чор таклиф қабул карда нашуд, ки сабаби қабул карда нашуданашон дар ҷадвали замимагардида нишон дода шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таҳия гардида, аз чор боб ва 17 модда иборат мебошад. Дар он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, мақсадҳои баҳисобгирии инфиродӣ, принсипҳои ташкили баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, мақоми ваколатдори давлатии баҳисобгирии инфиродӣ, суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда, шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, қоидаҳои умумии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, қоидаҳои умумии қабул, баҳисобгирӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, қоидаҳои баҳисобгирии инфиродии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, қоидаҳои умумии ташкили бойгонии ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектони суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур, тартиби ҳалли баҳсҳо ва мавриди амал қарор додани қонуни мазкур ба танзим даровarда шудаанд.

Бо мақсади мутобиқ намудан ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ», кодексҳои меҳнат, оила, гражданӣ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кумитаи масъул дар асоси пешниҳоди кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 1-уми лоиҳа мафҳумҳои «шахси суғурташуда», «суғуртакунанда», «муассисаи суғурта» ва «саҳми суғурта» ворид шуда, мафҳумҳои «баҳисобгирии инфиродӣ» ва «ҳисобҳои актуарӣ» таҳрир ва мукаммал карда шуданд. Ҳамзамон дар тамоми матни лоиҳаи қонун калимаҳои «ҳаққи суғурта», «суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «шартномаи меҳнатӣ», «шартномаи хусусияти ҳуқуқиву шаҳрвандидошта», «мукофотпулӣ», «ҷои зист», «маҳалли зист», «сохтори минтақавии муассисаи суғурта» ва «қонунгузорӣ» мувофиқан ба калимаҳои «саҳми суғурта», «суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», «шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ», «шартномаи ҳуқуқии гражданӣ», «музди меҳнат», «ҷойи зист», «сохтори ҳудудии муассисаи суғурта» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шудаанд.

Ҳамчунин лоиҳаи қонуни мазкур ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқ карда шуда, аз ҷиҳати забонӣ ва услубӣ таҳрир ва мукаммал карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки ҷиҳати қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

**Домуллоҷон ҶАББОРОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» яке аз санадҳои муҳими соҳаи нафақа буда, барои ҳалли якчанд масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Якум, чунин баҳисобгирӣ ба амалӣ гардидани механизмҳои низоми нафақаҳои давлатӣ мувофиқи пешрафти муносибатҳои бозорӣ мусоидат менамояд.

Дуюм, бидуни баҳисобгирии инфиродии саҳми суғурта рушди суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба самти муайян намудани андозаи нафақа аз собиқаи суғуртавӣ ва саҳми суғуртаи пардохтгардида имконнопазир аст. Чунин вобастагӣ ба буҷети низоми суғуртаи давлатии нафақавӣ таъсири мусбат расонида, ҳавасмандиро барои пардохти саривақтӣ ва пурраи саҳми суғуртавӣ ба вуҷуд меорад.



Сеюм, баҳисобгирии инфиродӣ барои пешгӯйии дақиқи тағйироти шумораи аҳолии машғули кор ва нафақахӯрон дар ҷумҳурӣ мусоидат намуда, инчунин аз рӯйи касбҳои алоҳида ҳамчун натиҷаи баҳои хеле дақиқи хароҷотҳои зарурӣ барои пардохти нафақа ва ҳисоббарии саҳми суғуртавӣ имконият фароҳам меорад.

Инчунин баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ аз ҷониби корфармо ва кормандон назоратро ҷиҳати пардохти дурусти саҳмҳои суғурта пурзӯр менамояд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намуда, аз шумо хоҳиш менамояд, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда ва боб ба боб ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар бораи будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Амирхон Сафаров дода мешавад.



**Амирхон САФАРОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар бораи шартҳои будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 июни соли 2011 дар рафти сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия ба имзо расида, шартҳои будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Бюрои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Шӯрои доимии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ба фаъолияти хеш шурӯъ намуда, тибқи Санади хотимавии Хелсинки дорои иммунитет ва имтиёзҳои муайян мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали кушодашавӣ ба созмони мазкур иммунитету имтиёзҳое, ки тибқи Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатӣ аз соли 1963 муқаррар шудааст, пешниҳод намудааст.

Санади мазкур аз 20 модда иборат аст. Тибқи моддаи 5 Ёддошти мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои лозимаро меандешад, то ки биноҳои Дафтарро аз ҳуҷум ё расонидани зарар муҳофизат намояд. Хароҷоти нигоҳбонии биноҳои Дафтар аз маблағҳои Дафтар пардохт мешавад.

Ёддошти тафоҳуми мазкур бо мақсади қонунӣ гардонидани будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои муқаррароти қарори Шӯрои доимии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо таҳти №852 аз 19 июни соли 2008 фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти ҳамарӯзаи созмон ба имзо расидааст.

Ёддошти тафоҳуми мазкур бо мақсади қонунӣ гардонидани будубоши Бюрои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вазорату кумитаҳои марбута баррасӣ гардида, аз ҷониби ҳамаи онҳо якдилона дастгирӣ шудааст. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Ёддошти мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот лоиҳаи қарор оид ба тасдиқи «Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар бораи шартҳои будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки онро тарафдорӣ намоед.

*Вобаста ба тасдиқи Ёддошти тафоҳуми мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон» сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Галия Рабиева дода мешавад.

**Галия РАБИЕВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон» пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси омӯзиши таҷрибаи баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон ва таҳлили муқоисавии қонунҳо таҳия шудааст.

Як қисми тағйироту иловаҳои пешниҳодшуда барои мутобиқ гардонидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон» ба техникаи қонунэҷодкунӣ ва таъмини танзими якхелаи меъёрҳо тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» вобастагӣ дорад.



Иловаи дигар нисбат ба ворид намудани калимаи «имзо» дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи 5-и қонуни амалкунанда тартиби барасмиятдарорӣ ва баррасии мурoҷиатҳои шаҳрвандонро саҳеҳ мекунад. Бояд зикр намуд, ки дар таҷрибаи корӣ борҳо мушоҳида шудааст, ки мурoҷиатҳои беимзо ҳақиқати воқеӣ надоранд ва ҳангоми санҷиш муаллифони онҳо номаълум мемонанд. Ҳамзамон тибқи қисми 2-юми моддаи зикргардида мурoҷиатҳои беном мавриди баррасӣ қарор намегиранд, аз ин рӯ талаботи имзо дар мурoҷиатҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Инчунин бо мақсади пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, иҷрои муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба сархати панҷуми моддаи 7 баъд аз калимаи «шикоят» калимаҳои «бо забони давлатӣ ва ё забони муоширати байни миллатҳо» илова карда шудаанд.

Тавре маълум аст, тибқи моддаи 2-юми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд. Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад.

Дар моддаи 16-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин омадааст: «Коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ сурат мегирад. Забонҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.». Ин меъёр имконият медиҳад, ки дар қонуни баррасишаванда тартиби алоҳида барои ҷавоби мурoҷиатҳо пешбинӣ карда шавад.

Тадқиқоти сотсиологии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон тахминан 30 фоизи аҳолӣ, аз намояндагони миллатҳои дигар, забони тоҷикиро на он қадар хуб медонанд. Дар сурати ворид намудани чунин тағйирот шаҳрвандон ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки дар бораи натиҷаҳои баррасии шикояташон бо забони ба онҳо фаҳмо ҷавоби хаттӣ гиранд, ки ин барои мустаҳкам намудани муносибатҳои байни миллатҳо мусоидат хоҳад кард.

Боз як тағйирот пешниҳод шудааст, ки матни моддаи 16-уми қонуни амалкунанда оид ба ҷавобгарӣ барои додани аризаю шикоятҳои тӯҳматангез, таҳқиромез ва барангезандаи кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгаройӣ ё диниро пешбинӣ намудааст, бо назардошти шароити мавҷуда ва таҷрибаи корӣ дар самти баррасии мурoҷиатҳои шаҳрвандон, дар таҳрири нав ифода карда шавад.

Таъмини иҷрои қонуни мазкур ба маблағгузории буҷетӣ ниёз надорад. Бо назардошти аҳамияти лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.



**Насрулло МАҲМУДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи қонуни мавриди баррасӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Ҳ.Абдуллоев, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Миралиев ва Г.Рабиева пешниҳод шуда, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2011 таҳти №953 барои таҳияи хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ҳамчун кумитаи масъул супорида шудааст. Он дар ҳамаи зинаҳои баррасии лоиҳаи қонун мавриди муҳокима қарор гирифта, ҷонибдорӣ гардид ва ҷиҳати мукаммалгардонӣ 24 таклиф пешниҳод шуд.

Кумитаи масъул 9 марти соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ гузаронида, 22 таклифу дархостҳои пешниҳодшударо пурра ё қисман қабул карда, ду таклиф –яке бинобар аз лоиҳа берун будан ва дигаре бинобар розӣ набудани субъектҳо қабул нашуд. Пешниҳодҳои қабулшуда дар мувофиқа бо субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид шуданд.

Бо қабули лоиҳаи пешниҳодшуда ва ворид намудани тағйиру иловаҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон» такмил ёфта, меъёрҳои ҳуқуқии моддаҳои 1, $1^1$, 2 ва 7 такмил дода шуда, он ба талаботи имлои забони давлатӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ гардонида шуд.

Ҳамзамон дар моддаи 5-ум ҳамаи талабот, ки нисбати мурoҷиатҳо пешниҳод мегарданд, аз ҷумла имзо гузоштан мушаххасан зикр карда шуданд ва инчунин дар моддаи 17 ҷавобгарӣ барои додани аризаю шикоятҳое, ки тӯҳматангез, таҳқиромез ё ариза ва шикоятҳое, ки барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгаройӣ ё динӣ равона шудаанд, мушаххасан муқаррар карда шуданд. Қабули қонуни мазкур ҷиҳати таъмини риояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, баррасии саривақтии мурoҷиатҳои шаҳрвандон ва танзими фаъолияти мақомоти баррасикунандаи мурoҷиатҳои шаҳрвандон аҳамияти хоса дорад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз ин лиҳоз, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зиёратшо Саъдулло дода мешавад.

**Зиёратшо САЪДУЛЛО: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади дар санаи 9 декабр ҷашн гирифтани Рӯзи геологҳо, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мувофиқи моддаи 1-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар моддаи 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» хориҷ намудани сархати нӯҳум пешбинӣ гардида, илова намудани сархати ҳафтодум пешниҳод карда мешавад, ки тибқи он 9 декабр Рӯзи геологҳо муқаррар гардидааст.

Тибқи муқаррароти мавҷуда лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон пешниҳод карда шуд. Лоиҳаи қонуни мазкур ҳамчунин ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии



Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Танҳо аз ҷониби Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон баҳри такмилёбии лоиҳа як таклиф пешниҳод шуд, яъне дар сархати дуюми моддаи 1 калимаи «ҳафтод» ба калимаҳои «шасту нӯҳум» иваз карда шуд.

Кумитаи масъул 16 марти соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеъ гузаронид.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Имомов Азизмат Холматович дода мешавад.



**Азизмат ИМОМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромиқадр ва ҳозирини арҷманд!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод шудааст.

Пӯшида нест, ки тамоми масъалаҳо вобаста ба фаъолияти Маҷлиси намояндагон аз ҷониби Шӯрои он ташкил ва таъмин карда мешавад. Ташкил ва гузаронидани муҳокимаҳои парламентӣ вобаста ба иҷрои муқаррароти қонунгузории ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Маҷлиси намояндагон ва кумитаҳои он мебошад. Аз ин рӯ, бо ташаббуси пайгиронаи роҳбарияти Маҷлиси намояндагон ва Шӯрои Маҷлиси намояндагон дар самти мазкур мунтазам чораҳои ташкиливу амалӣ андешида мешаванд, ки боиси хеле фаъол ва самаранок шудани кор вобаста ба гузаронидани муҳокимаҳои парламентии Маҷлиси намояндагон ва кумитаҳои он мегардад.

Бинобарин, ба мақсад мувофиқ аст, ки мавқеи Шӯрои Маҷлиси намояндагон дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба ташкил ва гузаронидани муҳокимаҳои парламентии Маҷлиси намояндагон ва кумитаҳои он боз ҳам баланд бардошта шуда, имконият дода шавад, ки масъалаҳои вобаста ба гузаронидани муҳокимаҳои парламентӣ дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин баррасӣ ва чораҷӯйӣ гардад.

Дар лоиҳа муқаррар карда шудааст, ки тартиб, вақт ва ҷойи гузаронидани муҳокимаи парламентиро Шӯрои Маҷлиси намояндагон бо ташаббуси кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон, фраксия ва гурӯҳҳои вакилон муайян мекунад.

Ҳамин тавр, лоиҳаи пешниҳодшуда ба мафиати самарабахшгардонии фаъолияти Маҷлиси намояндагон ва Шӯрои Маҷлиси намояндагон буда, бо Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва қабули он маблағи иловаро талаб намекунад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромиқадр, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки барои қабули лоиҳаи пешниҳодшуда овоз диҳед.

*Вобаста ба масъалаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи доир намудани муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова дода мешавад.



**Марҳабо ҶАББОРОВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон тибқи нақшаи доир намудани муҳокимаҳои парламентӣ, ки бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли равон тасдиқ шудааст, масъаларо «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июли соли 1999 қабул гардидааст, мавриди омӯзиши амиқу васеъ ва баррасии ҳамаҷониба қарор дод.

Мақсади интихоби ин масъала барои муҳокимаи ошкорои парламентӣ аз муҳимияти он бармеояд, зеро ки сиёсати давлатии ҷавонон бахши ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии кишвар эътироф шуда, масъалаҳо вобаста ба ҷавонон таҳти таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ва пайвастаи Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ мебошанд. Ин бесабаб нест, чунки дар кишвари мо ҷавонон як қувваи фаъоли асосӣ ҳисобида шуда, дар пешрафти давлату ҷомеа мақоми созандаву пешбаранда доранд ва бо назардошти талаботи замони муосир ба диққати аввалиндараҷа ниёз доранд. Ин аст, ки сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ба шумор рафта, ба воситаи барномаҳои миёнамӯҳлати давлатӣ амалӣ мегардад.

Яке аз чунин барномаҳо – Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» мебошад, ки аз соли 1999 инҷониб барои ҳар се сол қабул шуда, асосан аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад. Бояд зикр намуд, ки ин барнома тамоми масъалаҳои ҷавононро фаро гирифта, бешубҳа, дар сиёсати давлатии ҷавонон нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар кумита баррасии масъалаи мазкур дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамоҳангсози асосии барномаи мазкур аст, инчунин бо вазоратҳои молия, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояту шаҳр ва ноҳияҳо сурат гирифт.

Маводи бадастомада воқеъияти масъаларо инъикос намуда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар амалӣ гардидани Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» корҳои муайяне ба анҷом расидаанд. Аммо мушкилот ва норасоиҳои зиёд низ ҷой доранд ва ҳалли саривақтиро талаб менамоянд. Яъне, самаранок амалӣ гардидани сиёсати давлатии ҷавонон ба дастгирии бештар ниёз дорад.

Бешубҳа, муҳокимаи парламентӣ барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта такони ҷиддӣ мебахшад. Он таклифу пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар рафти муҳокима қабул мегарданд, ба дуруст ва самаранок амалӣ намудани Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» ва барномаҳои дар оянда қабулшаванда заминаи мусоид мегузоранд.

Бо назардошти муҳиму саривақтӣ будани масъалаи баррасишаванда аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки баргузории муҳокимаи ошкорои парламентиро ҷонибдорӣ намоед.

*Вобаста ба масъалаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки тибқи он санаи баргузории муҳокимаи парламентии зикршуда 6 апрели соли равон муайян шуд.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум». Суратгир А.ИСОЕВ***

● Қонун ва ҷомеа

# Файзу баракат аз танзим аст

Ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» панҷ сол пур мешавад. Ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, ки бо дастуру супориш ва ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи беш аз пеш ба низом даровардани баргузории тӯю маъракаҳо ва маросимҳои дафну азодорӣ, гирифтани пеши роҳи исрофкориҳои беҳуда ва хароҷоти изофагӣ қабул гардида буд, дар вилояти Суғд бомаром татбиқ мегардад ва дар байни мардум ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо намудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: ***«Мо бояд ба хотири рӯзгори босаодат, беҳбудии сифати зиндагии мардум ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ арзишҳои беҳтарини расму оинҳои миллӣ ва динииро оқилона ва одилона истифода барем. Бо ин иқдоми хайру савоби худ мо баислоҳоти ҷиддии иҷтимоӣ огоз мебахшем».***

Кадом омилҳо боис гардиданд, ки дар мамлакати мо зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба миён омад?

Бо ин савол мо ба Мазбутҷон Воҳидов - сармутахассиси шӯъба оид ба корҳои дини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд муроҷиат намудем.

-Бояд тазаккур дод, ки вақтҳои охир доир кардани маъракаҳои пурдабдаба, базмҳои гуногун, оростани дастархони пурнозу неъмат, меҳмонҷамъкуниҳои аз ҳад зиёд дар тӯю маъракаҳо ва маросимҳои дафну азодорӣ, аз ҷумла дар вилояти мо ҳам аз доираи меъёрҳои одобу анъанаҳои миллӣ ва ҳатто ахлоқи исломӣ фарсахҳо дур рафта буданд, -изҳор дошт мавсуф.

Пайравию таассуб ба якдигар дар байни мардум, алалхусус байни ашхоси доро, мансабдорон, аҳли тиҷорат ва ҳунармандон ба авҷи аълояш расид. Аксарияти мардуми оддии бечора, хусусан оилаҳои камбизоат ва эҳтиёҷманд, серфарзанд перомуни гузаронидани тӯю маъракаҳои зарурӣ ночор монда бошанд ҳам, илоҷе карда, бо қарзу қавола ҳамранги ҷамъият амал мекарданд, бо азобу машаққат бошад ҳам, сари писарашонро ҷуфт, тӯйи хатнаи фарзандонашонро доир мекарданд. Ин раванди номатлуб дар ҳоле идома меёфт, ки яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ғамхорӣ дар ҳаққи халқи заҳматкаш ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон мебошад.

Бо назардошти ана ҳамин зарурат роҳбарияти олии сиёсии мамлакат баъди омӯзиши фикру андеша ва таклифу пешниҳодҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа бо дарки масъулияти том, ҳисси хештаншиносӣ ва меҳанпарастӣ тасмим гирифт, ки дар кишвар оид ба танзим даровардани тӯю маъракаҳо ва маросимҳои дафну азодорӣ қонун қабул намояд. ***«То расму оин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, бо қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем»***,- таъкид намуда буд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониаш дар машварати умумиҷумҳуриявӣ бахшида ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бояд зикр намуд, ки алҳол дар вилоят 134 комиссияи доимӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, як шӯъба, 18 бахш, 115 сармутахассисони ҷамоатҳо оид ба корҳои дин ва 2574 комиссияи ҷамъиятӣ бахри татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амал карда истодаанд.

Ҷиҳати татбиқи қонуни мазкур тибқи нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ корҳои мушаххас ба сомон расонида шудааст.

Дар раванди татбиқи қонун дар як қисми минтақаҳои вилоят баргузории тӯю маъракаҳо ҷиҳатҳои ба худ хос гирифтанд. Масалан, дар деҳоти Хиставарзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров тибқи Низомномаи комиссияи доимии ҷамоат оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ҳангоми доир намудани тӯйи домодию арӯсӣ маъракаи оши тӯй баргузор намегардад. Ин тадбир дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он низ ҷорӣ шуда истодааст. Дар аксар деҳоти ноҳияҳои Мастчоҳ ва Ашт ҳангоми баргузории тӯйи хонадоршавии ҷавонон маъракаи базм аз байн рафта, фақат оши тӯй дода мешаваду халос. Дар деҳоти Сурх, Чоркӯҳ ва Ворухи шаҳри Исфара маъракаи чил доир намегардад.

Мазбут Воҳидов иброз дошт, ки то қабули қонуни мазкур барои баргузории ҳар як тӯйи домодию арӯсӣ ба ҳисоби миёна 15720 сомонӣ, хатнасур 8600 сомонӣ, маросими дафну азодорӣ 7550 сомонӣ маблағ хароҷот мегардид. Баъди қабули қонун хароҷоти ҳар як тӯйи домодию арӯсӣ ба ҳисоби миёна 5600 сомонӣ, хатнасур 2200 сомонӣ, маросими дафну азодорӣ 3200 сомониро ташкил дода истодааст. Албатта, вобаста ба гароншавии нарх дар бозор хароҷоти баргузории тӯю маъракаҳо майл ба афзоиш дорад. Бо вуҷуди ҳамин ба шарофати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хароҷоти баргузории тӯйҳои домодию арӯсӣ ду-се маротиба, хатнасур сечор баробар, маросимҳои дафну азодорӣ бошанд то панҷ-шаш маротиба кам гардиданд.

Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 70 номгӯйи ҷашну маросимҳо- зодрӯз, хатнасур, домодию арӯсӣ, дафну азодорӣ ва ҳаҷ 15 номгӯйи онҳо боқӣ монданд.

Аз ҷониби комиссияҳои доимии вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ ҳангоми баргузории тӯю маросимҳо дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Истаравшан, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Ашт, Зафаробод, Айнӣ ва Панҷакент 218 ҳолати қонуншиканӣ ба қайд гирифта, дар бораи бастани ҷарима нисбати гунаҳкорон қарорҳои судҳои шаҳрию ноҳиявӣ ба тасвиб расиданд. Дар бобати ошкор намудани чунин қонуншиканиҳо саҳми кормандони прокуратураи вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо, Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд низ назаррас мебошад.

-Аммо фаъолияти комиссияҳои доимии танзими анъана ва ҷашну маросимҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Чкалов, Қайроққум, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Табошар оиди ошкор намудани қонуншиканӣ ҳангоми баргузории тӯю маъракаҳо беҳбудиро тақозо дорад, - таъкид мекунад Мазбут Воҳидов. -Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо баргузории маъракаҳои хурди оилавӣ, аз қабили гаҳворабандон, чиллагурезон, домодталабон, арӯсбинон, таҷлили зодрӯз ва ғайра аз мадди назари аъзоёни комиссияҳои доимӣ ва ҷамъиятӣ, фаъолони танзим, раисони маҳаллаҳо дур мемонанд. Ҳолатҳои нодида гирифтани қонуншиканиҳо ҳангоми баргузории тӯю маъракаҳо баъзан ба назар мерасанд.

Ҳамкории комиссияҳои доимии вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо бо нозироти андоз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷаи баргузории рейдҳои муштараки назоратию санҷишӣ бо нозироти андози шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Конибодом, Исфара, Ҷаббор Расулов ва Спитамен фақат дар соли 2011-ум 281 нафар сарояндагон, наворбардорон, навозандагон ва раққосон аз тарафи кормандони мақомоти андоз ба маблағи 419696 сомонӣ ҷаримабандӣ карда шудаанд. Барои роҳ додан ба қонуншиканӣ ҳангоми баргузории тӯю маъракаҳо нисбати роҳбарони тӯйхонаҳо 35 протокол тартиб дода, аз онҳо ба маблағи 10885 сомонӣ ҷарима рӯёнида шудааст. Аз ҷумла мудир ва сармуҳосиби шӯъбаи фарҳанги шаҳри Истаравшан барои риоя накардани талаботи моддаҳои 59 ва 60 Кодекси андоз мутобиқи талаботи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримабандӣ карда шуданд.

Бобати иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат бо ташаббуси комиссияҳои доимӣ ва бахшҳои танзими анъана ва ҷашну маросимҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят фақат дар соли 2011 тӯйҳои хонадоршавии 31 ҷуфт домоду арӯс ва хатнасури 1209 нафар писаракон аз оилаҳои камбизоат ва серфарзанд доир гардиданд.

Бо ташаббуси Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол бо мақсади бозомӯзӣ ва мубодилаи таҷриба бо иштироки мудирони шӯъба ва бахшҳо оид ба корҳои дини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мизҳои мудаввари ҷумҳуриявӣ доир мегарданд. Баргузории чунин чорабинии муфид соли 2008 аз шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз ёфт. Мувофиқи маълумоти мо солҳои минбаъда бахшида ба солгарди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин мизҳои мудаввар дар шаҳри Қӯрғонтеппа, ноҳияи Ҳисору шаҳри Турсунзода ва шаҳри Хоруғ баргузор гардиданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ниёзҳои иҷтимоию иқтисодии сокинони кишвар ҷавобгӯй буданашро собит намуда, қариб панҷ сол аст, ки барои хеле сабук гардонидани рӯзгори соҳибони маъракаҳо чун омили муҳим хизмат карда истодааст. Аз ин рӯ, риояи ҳатмӣ ва қатъии қонун, дар амал татбиқ кардани ҳамаи муқаррароти он қарзи шаҳрвандии ҳар як тоҷику тоҷикистониест, ки миллат, давлати соҳибистиқлол ва Ватани азизашро аз таҳти дил дӯст медорад ва хоҳони зиндагии шоиста мебошад.

***Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

# ИСТИФОДАИ АНГИШТ БА ҶОЙИ ГАЗ: оё ин имконпазир аст?

***Беҳтар он аст, ки олимони мо барои дарёфти роҳҳои ворид намудани захираҳои табиии кишвар ба раванди истеҳсолот иқдом намоянд***

Тӯли чанд рӯзи охир қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ аз ҳамсоякишвар ва таъсири ин амал ба фаъолияти корхонаҳои муқтадири ҷумҳурӣ дар сархати расонаҳои иттилоотӣ қарор дорад. Бино ба иттилои сомонаҳои интернетӣ, айни замон КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» бинобар қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ ҷиҳати дарёфти манбаи алтернативии он ҷаҳд дорад. Ангишт дар ин ҷода мавқеи хоса дошта, истифодаи он, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, ба сифати алтернативии гази табиӣ имконпазир аст. Мутаассифона, бо доштани захираи ғании ангиштсанг Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи самараноки он чандон фаъол нест. Ҳол он ки вусъат бахшидани раванди истифодаи ангишт метавонад дар рушди саноати мамлакат саҳми муассир гузошта, ба сарфаи нерӯи барқ мусоидат намояд. Тибқи маълумот, ҳамасола танҳо КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 45-50 миллион метри мукааб гази табиӣ масраф менамояд. Мо борҳо шоҳид будем, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо баҳонаҳои гуногун интиқоли газро қатъ мекард ва ин боиси халал ёфтани фаъолияти корхонаҳои саноатии мамлакат гашта буд. Мутаассифона, баъзе масъулину олимони «забардаст»-и мо барои коркарду ба истеҳсолот ворид намудани ангишт ба сифати алтернативаи гази табиӣ иқдоме накарда, мақоли «то омадани табар кунда меосояд»-ро шиор қарор додаанд. Ҳамасола даҳҳо нафар дар бахши саноату энергетика ва химия рисолаҳои илмӣ ҳимоя намуда, соҳиби унвонҳои илмӣ мегарданд, аммо аз дастовардҳои илмии эшон дар рушди соҳаҳои зикршуда «на пай ҳасту на ҳайдар». Магар барои амалӣ намудани ин иқдом, ки вазифаи ҷонии олимону масъулини соҳа маҳсуб меёбад, дастури алоҳидаи Роҳбари давлат лозим аст? Аламовар аст, ки як идда масъулин дар радифи ҷаҳду талош ва ҷоннисориҳои Сарвари давлат бетарафиро пеша намуда, бо ин амалашон, дар баробари курсиро банд намудан, ҳамзамон ба рушди соҳаҳо монеа мегарданд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, бо пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» ва баргузории муҳокимаи парлумонӣ ҷиҳати баррасии он аз муҳимияти масъалаи мазкур дарак дод. Яъне, ояндаи наздик заминаи мукаммали қонунгузории истихроҷу истифодаи ангишт фароҳам хоҳад гашт. Чуноне ки дар ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум аз 4 апрели соли равон қонуни номбурда қабул гардид.

Барои истифодаи ангишт бар ивази гази табиӣ дар ҶСК «Тоҷиксемент» чанде пеш иқдом гирифта шуд. Барои анҷоми ин амал аз Ҷумҳурии Халқии Хитой мутахассисон даъват шуда, кори зиёд ба сомон расониданд. Вале, бинобар таъсири дуди ангишт ба муҳит, ки ҶСК «Тоҷиксемент» дар канори пойтахти мамлакат ҷойгир аст, роҳбарони корхона аз амалӣ кардани ин иқдомашон ҳоло худдорӣ кардаанд. Ба ҳар сурат агар технологияи истифодаи ангиштсанг дар истеҳсолот такмил дода шавад, аз байн рафтани мушкилоти зикршуда имконпазир мегардад. Пас суоле пайдо мешавад, ки чаро имкони чунин кор дар КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» мавҷуд набошаду бо кадом сабаб олимони мо ҳанӯз «гӯш ба қиморанд»? Ин суоли матраҳ аст ва посухи онро аз масъулин ва олимони соҳа мунтазирем.

# КОҲИШИ ТАЛАБОТ БА БЕНЗИНРО САБАБ ЧИСТ?

Боло рафтани нархи бензин ва иттилои охир бобати аз ҷониби Федератсияи Россия зиёд намудани боҷи гумрукӣ барои маҳсулоти нафтӣ ташвиши мардумро дучанд намудааст. Аммо як чиз хурсандиовар аст, ки дар баробари бензини мунтазам қиматшаванда намудҳои алтернативии сӯзишворӣ мавҷуд асту ин омил шиддатнокии норасоии бензинро тариқи назаррас паст намудааст. Ҷоиз ба зикр аст, ки маҳз бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамватанони мо ба истифодаи густурдаи гази моеъ шурӯъ намуда, ширкатҳои марбута ҷиҳати таъмини бозор бо ин маҳсулот корҳои назаррасро ба сомон расонидаанд.

Тибқи маълумоти аз Вазорати энергетика ва саноати ҷумҳурӣ дастрасгардида, воридоти гази моеъ ба мамлакат дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта чор маротиба афзудааст. Масалан, агар давоми ду моҳи соли 2011 ҳамагӣ 3,1 ҳазор тонна чунин маҳсулот ворид гашта бошад, пас тӯли ду моҳи соли ҷорӣ ин нишондиҳанда 15 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Ҳоло ба воридоти гази моеъ панҷ ширкати ватанӣ – ҶСК «Фароз», ҶСП «Зетгаз» ҶСК «Тоҷирон», ҶСП «Газпромнефт-Тоҷикистон» ва ҶСП «Муҳаммад Пӯлод» машғул буда, онро асосан аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дастрас менамоянд. Айни замон дар ҷумҳурӣ 510 нуқтаи фурӯши гази моеъ фаъолият дорад.

Бино ба гуфти сардори Раёсати таъминоти нефт ва гази Вазорати энергетика ва саноати кишвар Ёраҳмад Бегаҳмадов, истифодаи густурдаи гази моеъ боиси коҳиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба бензин шудааст. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли пешин 12 ҳазор тонна кам гардидани воридоти бензин далели ин гуфтаҳост. Ба ибораи дигар, дар ду моҳи аввали соли 2011 бо ҷумҳурӣ 46 ҳазор тонна бензин ворид шуда буд. Давоми ду моҳи соли равон бошад, ин рақам 34 ҳазор тоннаро ташкил дод.

Бо хулоса аз суханони Ёраҳмад Бегаҳмадов метавон мӯътақид гардид, ки афзудани нархи бензин дар ҷумҳурӣ ба норасоии он оварда намерасонад, зеро бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамватанонамон имкони дастрасӣ ба маҳсулоти ба маротиб арзон – гази моеъ пайдо намудаанд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Чӣ тавр бояд сарватманд шуд?

Ин гуфта филми машҳури «Сарватмандон ҳам мегирянд»-ро ба хотир меорад. Пеш аз он ки матлаби мазкурро мехонед, хотиррасон мекунем, ки мафҳумҳои номбурда дар замири ҳар як инсон ҷойгузин шудаанд:

- бойгарӣ (сарват) дар вуҷуди ҳар яке ҷойгир аст. Яъне, он чизе, ки шумо меҳоҳед, дар худи шумост;

- сарватманд шудан ин хуб зиндагӣ кардан аст;

-ҳар як орзуи хуб ба мисли дона аст. Киштану парваридани дона ва дар оянда фоида гирифтан аз он қаблан ба худи кас вобаста аст;

-имрӯз меҳнат кардӣ, пагоҳ роҳаташро мебинӣ;

-бар танбалию фориғболии худ пирӯз шудан кайфият дорад.

Пас чӣ тавр бояд сарватманд шуд?

Ба ин савол шумо метавонед аз китоби олими маъруф, иқтисодчии машҳур Тоҳир Мирзоев «Камбизоатӣ ва роҳҳои раҳойӣ аз он» посух дарёбед.

Ниҳоят, китобе пурмӯҳтавою пурмазмун, ғанӣ аз далелу арқом ва саршор аз мулоҳизаҳои олимона ба майдон омад. Муаллифи он номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳаққиқи шинохта Тоҳир Мирзоев буда, аз соли 2000-ум инҷониб шаш китоб нашр карда, масъалаи муҳими рӯз–камбизоатӣ ва роҳҳои раҳойӣ аз онро манзури хонанда гардонидааст. Тоҳир Хайруллоевич Мирзоев аз солҳои 80-уми асри XX дар корҳои масъули соҳаи комсомол, ҳизб ва мақомоти иҷроия пурмаҳсул фаъолият намудааст.

> **Ягон ҷомеа хушбахту шукуфон нахоҳад шуд, агар раъияташ қашшоқ бошанд.**
>
> ***(Адам СМИТ)***

Якчанд сол мушовири калони Кумита оид ба буҷет ва иқтисодиёти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Солҳои зиёд вазифаи муовини раиси шаҳри Душанберо бар зимма дошт. Ҳоло мудири шӯъба оид ба масъалаҳои иқтисодиёт, коммуникатсия, аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экологияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тоҳир Мирзоев номзади илмҳои иқтисодӣ буда, соли 2008 барои нашри аввали китоби «Камбизоатӣ ва роҳҳои раҳойӣ аз он» бо Ҷоизаи ба номи Муҳаммад Осимӣ сарфароз гардидааст. Мавсуф инчунин оид ба дастгирии соҳибкорӣ, фишангҳои молиявӣ ва қарзӣ, танзими оила, маориф, тандурустӣ ва ғайра, ки бевосита ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунанд, мақолаҳои зиёди илмӣ таълиф намудааст.

Масъалаи асосӣ – камбизоатӣ ва роҳҳои ҳалли он, хулоса бо ҳикмати халқамон ифода намудан ҷоиз бошад, дастархони пурғановат ва хонаву дари обод дар китоби ҷоруми ҷамъбастӣ (иборат аз 598 саҳифа) мавриди андеша ва ҳал қарор гирифтааст.

Воқеан, чӣ бояд кард, то ин ки аз қашшоқӣ, камбағалӣ раҳо ёфт ва ҷомеа ҳам шукуфону пешрафта бошад? Муаллиф кӯшидааст ба ин саволи муҳими рӯзгори инсонӣ посух диҳад. Мулоҳизаҳои олимонаи ӯ қобили эътирофанд. Адиби номвари рус, барандаи Ҷоизаи Нобел Иван Бунин (1870 - 1953) ҳақ аст: «Худованд ба ҳар кадоми мо, дар баробари ҳаёт ин ё он истеъдодро ато мекунад ва рисолати муқаддасеро ба мо вомегузорад, ки онро барбод надиҳем». Олими иқтисодчӣ Тоҳир Мирзоев пайи амалӣ намудани ин рисолати баланду олӣ қалам ба даст гирифта, андеша ва мулоҳизаҳои илмӣ – иқтисодии хешро дар шакли мӯъҷаз ва рехта, бо мисолҳои аёнӣ ва ҳаётӣ пешкаш намудааст.

Саволи муҳим ва асосӣ ин аст: Чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки санадҳои хеле боэътибори давлатӣ ба имзо расидаанд (оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ), чораву тадбирҳои зиёд андешида шудаанд, миёни давлатҳои аъзои ИДМ яке аз қашшоқтарин мамлакатҳо ном бурда мешавад?

Ин ҷо ба мулоҳизаи муаллиф ризо шудан лозим меояд, ки мегӯяд:

«… Проблемаҳои асосии иқтисодӣ боқӣ мондаанд. Аз ҳамин рӯ, коркарди назариявӣ – методологии паҳлуҳои (ҷанбаҳои) қашшоқӣ, аз ҷиҳати илмӣ муайян намудани (кушодани) моҳияти он… на танҳо аҳамияти илмӣ – амалӣ, балки манфиати иқтисодӣ низ дорад».

Воқеан, кист, ки пайи манфиати иқтисодӣ гом набардорад? Аввал таом в - он гаҳ калом, гуфтаанд.

Як мулоҳизаи амиқи дурандешонаи олим, ки аз саҳифаи аввал то интиҳо онро гаштаю баргашта (бо мисолҳои дақиқ) талқин ва таъкид менамояд, хеле мақбул аст: «Сухан дар хусуси маърифати аҳолӣ, алалхусус, дониши иқтисодии наслҳое меравад, ки душворӣ, мушкилӣ ногаҳон ба китфашон фуруд омад». Оре, ҳақ бар ҷониби ӯст: Магар солҳои 1992 – 1997 мардум камтар дар навбати нон ва озуқа истоданд? Иқтисод ва маърифати баланди иқтисодӣ, ҳисоби хоҷагӣ, молия, қарз, ҳисоби бонкӣ, таваррум (инфлятсия), қашшоқӣ, камбағалӣ, ҳолати иҷтимоӣ – иқтисодии мамлакат, туғёни демографӣ – таркиши аҳолӣ, нарасидани ғизо (барои тановул), ҳиҷрати бардавом, муҳоҷирати умумӣ… - хуллас, даҳҳо, садҳо мафҳуму маънӣ ва дигаргуниҳои азими иҷтимоӣ дар китоб мазмуну мундариҷаи ҳаёти моро (аз соли 1990 то инҷониб) кушода додаанд. Хеле муҳим аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи судбахши «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро қабул кард ва ривоҷи соҳибкорӣ, ташкили корхонаҳои хурд, суръат гирифтани соҳибкории миёна, таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон то андозае ба рушди иқтисодиёт ва беҳтар шудани шароити зиндагии одамон мусоидат намуд. Фикрҳои олим дар бобати паст кардани сатҳи камбизоатӣ, хушҳолу саодатманд дидани мардуми меҳнаткаш қобили қабуланд: мақсуди муфиди иқтисодӣ – иҷтимоӣ доштан лозим; омилҳои муҳимеро, ки халқро аз қашшоқӣ хоҳанд раҳонид, ба ҳисоб гирифтан шарт аст; инвесторҳои бурунмарзиро ҷалб намудан бе суд нахоҳад буд; роҳ надодан ба исрофкорӣ ва ҳашамату ҷалоли бемаврид дар масъалаи саодатмандии одам нақши муҳимро иҷро мекунанд; баланд бардоштани маърифати аҳолӣ, алалхусус, онҳое, ки солҳои 1990 – 2002 аз таҳсили бомаром дур мондаанд ва ҳиссаи бештари мардикорон ва бекоронро ташкил медиҳанд, ниҳоят муҳим аст.

Бад – ин маънӣ, афкори баландмазмуни Имом Ҷаъфари Содиқро (а) ин ҷо ёдовар шудан хеле муносиб мебуд: «Худои таъоло бо қудрати худ чил (40) ҳазору ҳафтоду ду ҳунарро ба бандагонаш додааст, то нафақаи аҳлу аёл ва касби маош намоянд ва хору зор нашуда, шукри Офаридгорро ба ҷо оранд». Зимнан, муаллифи китоб даҳҳо, садҳо афкори роҳнамоён ва донишмандони иқтисоддони оламро, ки барои аз қашшоқӣ, камбағалӣ, камбизоатӣ, бебизоатӣ раҳойӣ ёфтани одамон баён намуданд, бо мисолҳои ибратбахш нишон додааст. Сатҳи зиндагӣ ва дастранҷи мардум, вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии ҷумҳурӣ, даромади оила, сабабҳои афзудан ва кам шудани маблағи интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ (ҳатто ноҳия ба ноҳия) хеле аниқ ва муассир нишон дода шудааст. Муҳимтарин нишондодҳои олим лоиқи эътибори хосаанд. Муҳити мусоиди кӯҳистони Рашт, водиҳои Кӯлоб ва Зарафшон, ки барои парвариши навъи мева муносибанд, ташкили корхонаҳои хурд, ки гурӯҳ – гурӯҳ коргаронро қабул карда метавонанд, ба мақсад мувофиқ мебошад. Хуллас, тараддуд мебояд, зеро:

***Бе тараддуд домани рӯзӣ***
***намеояд ба даст,***
***Мекунад бо коҳилон ин нукта***
***талқин осиё.***

Муҳаққиқ дар заминаи мушоҳидаҳои дурусту олимона муқаррар нидо мекунад: «Агар водиҳои Тоҷикистон макони пахтаи аълосифат гаштаанд, пас кӯҳистон, замини кӯҳистон, ҳамворӣ ва нишебиҳояш барои парвариши ҷорво ва навъ – навъ мева хеле мувофиқанд. Танҳо амал мебояд кард мутаффиқона». Ба ин андешаи самимӣ чаро розӣ нашавем? Охир:

***Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,***
***Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.***

Мулоҳизаи дигари муаллиф доир ба қарздиҳии хурд (микрофинансирование) қобили эътибор аст: «Яке аз омилҳои муҳими паст намудани сатҳи камбизоатӣ доираи қарздиҳии хурдро васеътар кардан аст. Лозим аст, ки бонкҳо, корхонаҳои шахсӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба ин шуғли муҳим сарукор доранд, сохторҳои дигари молиявӣ имконият ва шароити маҳалро нектар, хубтар биёмӯзанд ва қарздиҳии бефоизро барои баркароркунии соҳаҳои истеҳсолот, хоҷагиҳои хурди фермерӣ, деҳқонӣ ва ғайра бештар намоянд. Аз ин имтиёз, бешубҳа, аввало давлат, сипас ҷамъият бурд мекунанд. Бештар бархӯрдор ва баҳравар шудани гурӯҳи махсусан камбизоати аҳолӣ бошад, мувофиқи матлаб аст. Он гоҳ, тавре мутафаккир ва иқтисоддони моҳири англис Томас Карлейл (1795 - 1881) хеле бамаънӣ ифода намудааст, ислоҳоти ҷиддӣ аҳамияти азалии хешро нишон медод».

Оре:

***Рӯзӣ ба нишастан насиби кас***
***намешавад,***
***Бояд чу осиё зи пайи обу***
***дона рафт.***

Мутолиаи китоби Тоҳир Мирзоев моро бори дигар бовар кунонд: дар ҷумҳурӣ неруҳои солим ва равшанфикр кам нестанд, ки ояндаи миллат ва иқтисоди онро наандешанд. Дар сурате ки даҳҳо омилҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз қашшоқӣ, камбағалӣ, нодорӣ баровардани мардум андешида ва пешниҳод мешаванд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар садади ба амал баровардани мақсадҳои наҷиб аст, чаро ба ояндаи хуш умед набандем?

***Мухбирҷон КЕНҶАЕВ, рӯзноманигор – иқтисодчӣ***

## Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

### ҲУСЕЙНОВ Шариф



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Орҷоникидзеобод №31, шаҳри Душанбе***

Соли 1926 дар шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик,таҳсилоташ миёна.

Аз соли 1945 то соли 1947 дар Корхонаи металлургии Бекободи ҶШС Ӯзбекистон кор кардааст.

Соли 1947 дар Комбинати бофандагии Душанбе, солҳои 1948-1949 дар сохтмони Заводи равғани шаҳри Қӯрғонтеппа ва Заводи пахтаи шаҳри Душанбе боркаш ва аз соли 1949 дар сехи рехтагарии заводи ба номи Орҷоникидзеи шаҳри Душанбе кор кардааст.

### БИЧЕНКО Иван Григоревич



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шӯро №32, шаҳри Душанбе***

Соли 1919 дар ноҳияи Черкасски ҶШС Украина таваллуд ёфтааст. Миллаташ украин,таҳсилоташ олии ҳарбӣ.

Хизмати ҳарбиро аз соли 1937 дар Омӯзишгоҳи ҳарбӣ-техникии шаҳри Уляновск сар карда, баъди тамом кардани он соли 1939 унвони лейтенантиро гирифт.

Бо орденҳои «Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаи I», «Ситораи Сурх» ва 11 медал мукофотонида шудааст.

### РУСТАМОВ Очил



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Фирдавсӣ №33, шаҳри Душанбе***

Соли 1923 дар шаҳри Самарқанди ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек,таҳсилоташ миёна.

Раиси кумитаи бозор, аз соли 1947 то соли 1949 коргари матлуботи шаҳри Қӯрғонтеппа шуда кор кардааст. Аз соли 1949 то соли 1955 гилкори сохтмони гидротехникуми тресги «Водстрой»-и шаҳри Душанбе, аз соли 1955 сардори бригадаи гилкори Раёсати сохтмонии №4, тресги «Промстрой»-и шаҳри Душанбе буд.

### НОСИРОВ Фахриддин



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Фрунзе №34, шаҳри Душанбе***

Соли 1933 дар деҳаи Хилисои ноҳияи Ҳисор таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик,таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1951 дар артели хоҷагии деҳаи «Коммунизм»-и ноҳияи Ҳисор сар кардааст. Соли 1957 Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳри Душанберо тамом намуда, дар стансияи таъмирӣ-техникии ноҳияи Ленин, дар Заводи «Трактородетал» челонгар ва аз соли 1960 идоракунандаи дастгоҳҳои ҳамин корхона буд.

### ОДИНАЕВ Давлат



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чапаев №35, шаҳри Душанбе***

Соли 1921 дар деҳаи Сангови ноҳияи Қалъаи хум таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Аз соли 1945 то соли 1948 коргари артели «Байрақи Сурх»-и шаҳри Кӯлоб, аз соли 1948 то соли 1960 борбардори Заводи пахтатозакунӣ, оҳангари «Гордорстрой», пресскунандаи калони заводи пахтатозакунӣ, челонгари Заводи ба номи Орҷоникидзеи шаҳри Душанбе, аз соли 1960 бетончии Заводи конструксияҳои оҳану бетонии Душанбе буд.

### ҲАБИБОВА Тайиба



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Яккачинор №36, шаҳри Душанбе***

Соли 1916 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1934 ҳамчун ходими адабии идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» сар кардааст.

Аз соли 1942 инструктор, ҷонишини мудири шӯъба, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Роҳи оҳани шаҳри Душанбе, аз соли 1950 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Маркazии шаҳри Душанбе буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст.

### ТОШМУҲАМЕДОВ Мастибек Давлатович



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленин №37, шаҳри Исфара***

Соли 1908 дар деҳаи Поршневи ноҳияи Шуғнон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли 1941 то соли 1951 сардори шӯъбаи сиёсии Комиссариати ҳарбии вилояти Кӯлоб, сардори шӯъбаи сиёсии Комиссариати ҳарбии ҶШС Тоҷикистон шуда кор кардааст. Аз соли 1957 Комиссари ҳарбии ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурх, «Ҷанги Ватанӣ»-и дараҷаи I ва II, ордени Ситораи Сурх ва шаш медал мукофотонида шудааст.

### ЁҚУБОВ Рустам



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Горкий №38, шаҳри Исфара***

Соли 1908 дар деҳаи Кӯчкаки ноҳияи Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1930 ҳамчун коргари корхонаи истеҳсоли нафти «КИМ» сар кардааст. Аз соли 1933 то соли 1957 ёвари пармачӣ, устои пармачии корхонаи истеҳсоли нафти «КИМ» шуда кор мекард.

Аз соли 1957 танзимгари истеҳсоли нафт, устои пармачии корхонаи нафтҳосилкунӣ буд.

(Давомаш дар шумораҳои оянда)

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Қисмати одам

# ҶОЙЕ, КИ МУҲАББАТ ПОЁН МЕЁБАД,

## яъсу ноумедӣ, ранҷу озор оғоз мегардад

Тавлиди фарзанд барои падару модар беҳтарин доди Худост. Аввалин гиря, хандаи тифлона қалби волидайнро пур аз фараҳу шодӣ мегардонад. Қадамҳои нахустин бо пою дастони ларзон, ки ҳоло қувват нагирифтаанд, ба падару модар тавон мебахшанд. Онҳо бо дасту бозуи тавоно, неруи ҷавонӣ ба тифли худ муттако мешаванд, то шеваи роҳ рафтанро омӯзад.

Замоне фаро мерасад, ки тифл калон мешавад, нерую қувваи тоза мегирад, дар роҳи зиндагии мустақил қадами устувор мемонад. Дар ин муддат падару модар, ки умри ҷавони худро сарфи ба по рост мондани фарзанд карда буданд, ҳамакнун нотавону оҷиз мондаанд. Ниёзманди дасти мадад, такягоҳи боэътимоди умри боқимонда ҳастанд. Дар ин ҳолат ба ҷуз фарзанд, магар дастгири дигаре метавон пайдо кард? Ҳаргиз!

Хушбахттарин, падару модарест, ки чунин фарзанди солеҳро Худо барояш ато кардааст.

Аммо зиндагӣ қонунҳои нонавиштаи худро дорад. Дар зиндагӣ ҳолату воқеаҳое рух медиҳанд, ки ғайричашмдошт, берун аз ақли солиманд. Аз дасти фарзандони бераҳму шафқат падару модарон дар пиронсолию оҷизӣ ранҷу азоб мебинанд, зиндагӣ барояшон пур аз мушкилӣ, ноороми гардида, ба бадбахтӣ табдил меёбад. Кош, онҳо ҳангоми таваллуди чунин фарзанд медонистанд, ки на тифли солим, балки офатро барои худ ба дунё овардаанд. Агар медонистанд…

…Сарнавишти пур аз мушкилот, қисмати талхи зиндагӣ онҳоро ба ин даргоҳ овардааст. Баъзеҳо худ омадаанд, дигарҳоро чунин фарзандони ношуд бо дасти худ оварда супоридаанд, барои аз дарди сар халос шудан. Беҳтараш ба зиндагиномаи чунин пирони бадбахт, ноком аз зиндагӣ ошно мегардем.

Ҳамсӯҳбати мо директори Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба куҳансолон ва маъюбони шаҳри Душанбе Мунаввара Сатторова мебошад. Марказ соли 1992 ташкил ёфтааст. Ҳангоми таъсисёбӣ, мутобиқи низомномаи он, пиронсолон 50 фоизи маблағи хизматрасониро пардохт мекарданд, аммо бо нафақаи ночиз, ки онро ҳам сари вақт намегиранд, куҳансолон чӣ тавр маблағи хизматрасониро пардохт намоянд? Кӯмаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе имкон дод, ки марказ аз вазъи душвори молиявӣ барояд. Бо қарори раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев минбаъд маблағгузорӣ барои хизматрасонии ниёзмандон дар марказ пурра аз ҳисоби буҷети шаҳр сурат мегирад.

Ин имкон дод, ки биноҳои кӯҳнаи марказ таъмир ва ҳолати хизматрасонӣ беҳтар шавад. Аввал ба 50 нафар имкони хизматрасонӣ буд, ҳоло ин шумора ба 100 нафар расидааст.

Хизматрасонӣ дар ду намуд ба ҷой оварда мешавад: будубоши рӯзона ва доимӣ. Пиронсолон муддати шаш моҳ нигоҳ дошта мешаванд. Баъди омода намудани ҳуҷҷатҳо онҳоро ба хонаҳои пиронсолон мефиристонанд. Дар зимистони сарди имсола 20 нафар пиронсолони бесарпаноҳ ба марказ муроҷиат намуда, ҳамаашон ба ҷойи хобу хӯрок таъмин гардиданд.

Директори марказ Мунаввара Сатторова мегӯяд, ки ба шахсоне дасти кӯмак дароз намудем, ки собиқ касбу кори гуногун доштанд, шахсони шинохтаю мӯътабар буданд. Ин чунин маънӣ дорад, ки осиёби зиндагӣ ҳамеша дар гардиш аст ва инсон ҳеҷ гоҳ фикр намекунад, ки ба кадом гирдобе меафтад.

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Любов Кочетева барои дафни шавҳараш ба Федератсияи Россия рафт ва то аз он ҷо баргаштан хонаи ӯ ва ҳам хонаи духтарашро, ки ӯ низ ба Федератсияи Россия рафта буд, бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ фурӯхтаанд. Ӯ бесарпаноҳ монда, ба марказ меояд. Муддати шаш сол натавонист, ки хонаи худ ё духтарашро баргардонида гирад. Чун адолати судӣ барқарор нашуд, бо кӯмаки марказ ин пиразан ба Федератсияи Россия рафт.

Қисмати Ася Михайловна Бугрова, ки солҳои зиёд дар соҳаи тибби Тоҷикистон фаъолият дошт, мисли Любов Кочетева мебошад. Хонаи ӯро низ бо фиреб мефурӯшанду ноилоҷ сокини марказ мешавад. Аз вазъ огоҳ гашта, писараш, ки бемории фалаҷ аст, хоҳиш мекунад ӯро ба Федератсияи Россия фиристанд.

Фарзанд дар чунин ҳолат модарашро напартофт. Аммо аз сӯҳбат бо Мунаввара Сатторова маълум мешавад, ки ба марказ пиронеро меоранд, ки соҳиби фарзанду макони зист мебошанд. Чӣ таззоде.

Ҳунарпеша Мукаррама Шамсиддинова муддате чанд дар ин ҷой зиндагӣ дошт. Дар ин муддат ду духтараш, ки сокини шаҳри Душанбе буданд, боре ҳам ба аёдати модарашон наомаданд. Бо даъвати Мунаввара Сатторова духтари дигари ӯ, ки дар шаҳри Бухоро зиндагӣ дошт, ба марказ омад. Хайрият, ӯ нисбати дигар духтаронаш меҳру шафқат доштааст. Бо кӯмаки вай модарашро аз ин ҷо бурданд ва баъди чанд ҳафта ӯ вафот кард.

Духтари аввалин пионери тоҷик, духтархонди Сталин Мамлакат Наҳангова -Рухшона ин ҷо то охири умр зиндагӣ дошт. Рухшона, ки маълумоти олиро дар шаҳри Ленинград гирифта буд, соле чанд дар Тоҷикистон фаъолият намуд. Ӯ хонаашро фурӯхта, маблағи онро ба дасти писару келинаш додааст, то ин ки дар Федератсияи Россия хона харанд. Баъди харидани хона мебоист писараш ӯро низ ба Федератсияи Россия даъват мекард, вале ӯ бо гирифтани пул ба Федератсияи Россия рафт ва дигар аз худ дарак надод. Рухшонаи бемакон ноилоҷ ба маркази пиронсолон омад ва аллакай бемору нобино шуда буд. Қариб се сол дар маркази пиронсолон зиндагӣ кард. Тамоми ин муддат ӯ мунтазир буд ва бовар дошт, ки писараш, албатта, ба суроғаш меояд. Аммо, афсӯс, Рухшона бо аламу дили пурдард аз олам даргузашт. Мунаввара Сатторова сӯҳбатҳои Рухшонаро ба хотир меоварад, ки ӯ барояш мегуфт: «Ман тиллою ҷавоҳирот, бойгарии зиёд доштам, аммо тақдирро бинед, ки имрӯз ба даргоҳи шумо зор шудаам. Шояд ношукрӣ, камбудӣ аз ман гузашт. Дар тарбияи фарзандам хатойӣ содир намуда бошам».

Вай бисёр сигор мекашид. Аз хоб рафтан метарсид ва мегуфт, ки агар хоб равад, дигар барнамехезад. Ӯро баъди вафоташ бо риояи маросими суннатӣ ба хок супурданд.

Мунаввара Қурбонова ном зан бо се духтараш дар ҷавониаш бешавҳар монд. Ба хотири фарзандонаш дигар шавҳар накард, ҳол он ки ҷавон буд ва талабгори зиёде дошт. Ӯ, ки зани ҳунарманд буд, шабу рӯз кор мекард, то фарзандонаш бепадарии худро эҳсос накунанд. Ҳар се духтарро тарбия кард, соҳибмаълумот намуд. Онҳо соҳиби хонаи обод шуданд.

Модар ба марказ омада, бо дарду алам қисмати талхи худро нақл кард ва хоҳиш намуд, ӯро ба ҷое фиристанд, то ин ки фарзандонашро набинад.

Мунаввара Қурбонова бемор шуда, дар касалхона муддати 20 рӯз табобат мегирад. Духтаронаш ба ҷойи модарро парасторӣ намудан, аз фурсат истифода бурда, бо маслиҳати пешакӣ хонаи ӯро фурӯхтанд, маблағ, ҷизу чораи хонаи модарро байни худ тақсим карданд.

Баъди аз беморхона баромадан модар хоҳиш мекунад, ки ӯро ба хона баранд. Духтаронаш ба ӯ мегӯянд, ки минбаъд, бо навбат дар хонаи мо зиндагӣ мекунӣ. Зан, ки бе хона, ҷизу чора монда буд, ноилоҷ розӣ мешавад. Сарсонӣ, бекадрии ӯ аз ҳамин ҷо оғоз меёбад. Дар хонаи ягон духтараш модар намеғунҷад. Агар ягон набераашро танбеҳ доданӣ шавад, ба сараш фарёд мезананд, ки ин хонаи ту нест, корат набошад. Ба хонаи кадом духтараш равад, ҳамин муносибати дурушт, бетарафии фарзандонаш домангири ӯ буданд. Торафт эҳсос менамуд, ки ӯ миёни худиҳо бегона, шахси зиёдатист. Ноилоҷ ба марказ омад. Муддати ин ҷо будан аз се духтар ягон нафараш ба аёдат наомад.

Баъд ӯро ба хонаи пиронсолони Деҳмойи вилояти Суғд фиристоданд. Минбаъд Мунаввара Сатторова аз аҳволи ӯ пурсон мешуд.

Директори хонаи пиронсолони Деҳмой ҳолати вафоти ӯро нақл намуд, ки аз шунидани он кас ба даҳшат меафтад. Зан, ки ҳолати вазнини худро эҳсос мекунад, ба маъмурияти хонаи пиронсолон чанде аз тилловории худро месупорад. Васият мекунад, ки аз маблағи он маъракаи дафнашро гузаронанд. Маъмурияти хонаи пиронсолон ба духтаронаш телефонӣ аз бемории модарашон хабар медиҳанд. Онҳо мехостанд дами вопасин фарзандон модари худро бубинанд, ҳарчанд боре ҳам хабаргирӣ наомада буданд. Духтарон вақте омаданд, ки модар фавтида буд. Кормандони хонаи пиронсолон гумон доштанд, ки духтарон худро рӯйи мурдаи модар партофта, гиряву фиғон мекунанд, бахшиш мепурсанд, аммо мижаи онҳо ҳам нашуд. Баръакс, фарёд бардоштанд, ки куҷост… тилловории модарашон. Ба онҳо тилловории модарро нишон дода гуфтанд, ки бо васияти ӯ барои маъракаи дафнашон нигоҳ доштем. Онҳо тиллovoriро гирифта, на танҳо аз қафои майит нарафтанд, балки ҷиҳози хонаи хоби модарашонро «рӯфта» бо худ бурданд.

Одатан дар асарҳои бадеӣ барои ҷолибу хонданӣ шудан образҳои мусбӣ ва манфиро бо тахаюлоти бофтаю сохта меоферанд. Ба дӯши қаҳрамонон лаҳзаҳоеро «бор» мекунанд, ки ба воқеият доштанашон бовари кас намеояд, аммо образҳои воқеиро чӣ тавр метавон обуранги бадеӣ дод, дар ҳоле ки ба ҳеҷ гуна шарҳу баён ниёз надоранд. Чунин рафтори бераҳмона, бешармонаро танҳо бо нафрату надомат метавон баҳогузорӣ кард. Бар сари фарзанди инсон ҳар чӣ ояд, бигзарад, мегӯянд дар урфият. Аммо чӣ тавр: дер ё зуд, осон ё душвор? Бо тани заифу дардманд, хорию зорӣ дар танҳоӣ таҳқири пораи ҷону ҷигари худро чӣ тавр метавон қабул кард? Ин ҳам дамест, ки дар остонаи ҷаҳонро падруд гуфтан қарор доранд.

Кампири бо «аспи сафед» (мошини хориҷӣ) ба маркази куҳансолон оварда ҳамин ҳолро дошт. Як рӯз марде бо мошини хориҷӣ кампиреро оварда мегӯяд, ки аз назди қуттиҳои ахлотпартоӣ ёфтааст. Директори марказ Мунаввара Сатторова мушоҳида кард, ки дар дасти кампир як косаи чинӣ ҳаст ва калӯшҳои пояш ҳам наванд. Зуд ҳис намуд, ки мард дурӯғ мегӯяд. Аз сӯҳбати тӯлонӣ маълум шуд, ки кампир 93 -сола буда, ҳамин марди ӯро оварда писараш мебошад. Тахмин ҷойи зисти ӯро муайян намуданд. Маълум шуд, ки писар аз ҷумлаи бойҳои навбаромад буда, хонаи дуошёна доштааст. Кормандони марказ барқасди амали ноҷавонмардонаи писараш кампирро ба хонаи ӯ бурда месупоранд.

Рӯзи дигар мард савори мошини хориҷиаш ба марказ меояд. Мунаввара Сатторова гумон дошт, ки ӯ барои ду моҳ модарашро нигоҳубин кардан ба мо изҳори миннатдорӣ мекунад, аммо гумони ӯ хато баромад. Писар барои даъво омадааст. Дар марказ калӯши нави модарашро бо калӯши кӯҳна иваз намудаанд. Талаб кард, ки онро баргардонанд. Ба ҷуз иҷрои ин талаб илоҷи дигар набуд. Бечораи камбағал. Як мошини хориҷӣ дораду халос. Калӯш бошад, нав буд.

Ба мисли ин «ҷавонмард» кам нестанд, онҳое, ки одаму одамгарӣ, раҳму шафқат, меҳри фарзандӣ, эҳтироми калонсолон кайҳо барояшон бегона шудааст. Бисёриҳо чунин андеша ва боварӣ доранд, ки дар қалби духтар нисбат ба писар меҳру шафқат, инсоф, дилсӯзӣ бештар аст, аммо дар зиндагӣ бисёр ҳолатҳое ҳастанд, ки агар риштаи меҳру муҳаббат канда шавад, ҳар ду бaробаранд.

Дар ин бора аллакай чанд мисол овардем. Ана боз мисоли дигар: Боре, як зан кампиреро оварда мегӯяд, ки ӯро аз кӯча ёфтааст. Баъдтар маълум гардид, ки ҳамон кампир модараш будааст. Зани дигар бошад, падарашро ин ҷо гузошта, қавл медиҳад, ки баъди ду- се моҳ омада мебарад. Ин зани фиребгар хонаро, ки бо меҳнати падараш сохта шуда буд, фурӯхта, бо шавҳараш ба Федератсияи Россия меравад ва боре ҳам суроғ накард, ки падараш дар чӣ ҳол аст. Ҳол он ки ӯ шахси обрӯманд буда, солҳо дар вазифаҳои масъули ҳизбию роҳбарӣ кор кардааст. Оқибат ин мардро қудоҳояш дафн карданд.

Дар ин марказ пиронсолон нигоҳубин мешаванд. Бисёрии онҳо бекас, бе манзили зист нестанд. Такягоҳ, мададгор низ доранд, ҳамон тавре ки муддате муттакои фарзандони худ буданд. Кормандони марказ парастории занеро дар хонааш бар ӯҳда доштанд, ки солҳои зиёд дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кор кардааст. Дар хона бо писару келинаш (шавҳараш вафот мекунад) зиндагӣ дошт. Ӯ бистарӣ мешавад ва ниёзманди кӯмак мегардад, аммо писару келин гӯё аҳволи зори модарро намедида бошанд, назди кампир ҳатто як коса об намегузоранд. Ноилоҷ ин зани бадбахт барои кӯмак ба марказ муроҷиат кард. Агар кормандони марказ дар хона муносибати бади писару келинро бо чашми худ намедиданд, шояд ба арзу шикояти зан бовар намекарданд. Диданд, ки чӣ тавр писар ғуломи ҳалқабаргӯши занаш гардидааст.

Умар Ибни Абдулазиз ба Холид ибни Сафвон фармуд панде бидиҳад, вале кӯтоҳ бошад. Ва яке аз пандҳо чунин аст:

«Вақте ки бозу ё қудратат туро ба сӯяш аз барои шиканҷаи мардум хонд, пас ба ёд биёр қудрати Худовандро ба худат».

*А. МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

## Ба ҳамкорӣ омодаанд

-Масъалаи таъсис додани Маркази намунавии таҷрибавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зимни мулоқоти муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Султонноёбов бо як гурӯҳ намояндагони Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Халқии Хитой баррасӣ гардид, - хабар доданд аз Маркази матбуот ва иттилооти ин вазорат. Ю. Султонноёбов аз ҳамкориҳои дуҷониба оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ, махсусан кӯмакҳои техникӣ, мошинолотҳо, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, омӯзиши кадрҳо ва ғайра изҳори назар кард. Сипас, директори Маркази ҳамкориҳои иқтисоди хориҷии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Халқии Хитой Ян И оид ба гузаронидани корҳои таткиқотии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, махсусан таъсиси заводи тухмитозакунӣ ва таъсиси майдони намунавии таҷрибавии маҳсулоти кишоварзӣ баҳри рушди соҳаи агросаноатии ҷумҳурӣ ибрози назар кард. Намояндагони Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Халқии Хитой зикр намуданд, ки дар оянда оид ба таъмини техника ва технологияи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ, инкишофи илми кишоварзӣ ва омӯзиши кадрҳо ҳамкориҳоро боз ҳам мустаҳкам менамоянд.

## Лоиҳаи Кодекси нави андозро муҳокима карданд

Дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати кормандони вазорат ва ҳайати намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар- машварат оид ба муҳокимаи Кодекси нави андоз доир гардид.

Дар раванди семинар кормандону мутахассисони вазорат таклифу пешниҳодҳои худро барои ворид намудан ба лоиҳаи Кодекси нави андоз баён намуданд. Аз ҷумла оид ба озод намудан аз андози арзиши иловашуда ҳангоми ворид намудани тухми зироатҳои кишоварзӣ, чорвои зотӣ, паррандa, моҳӣ ва занбӯри асали зотӣ, нутфа, ҷанин, тухми инкубатсионӣ, таҷҳизоти бордоркунии сунъӣ, технологияи соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ, нуриҳои минералӣ, таҷҳизоти техникаи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ, инчунин саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таклифу пешниҳодҳои муфид баён гардиданд.

*К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»*

## ТАҚВИЯТИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

**Ба қарибӣ дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Проблемаҳои муҳими фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва нақши он дар таҳкими ҳуқуқи инсон» конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ доир гашт. Дар кори он кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионӣ, Шӯрои амният, Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Шӯрои адлия, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумрук, Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф, Коллегияи адвокатҳои ҷумҳурӣ ва ғайра иштирок намуданд.**



Аввалан китоби «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ», ки муаллифи он вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал- лейтенанти милитсия, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон Рамазон Раҳимов мебошад, муаррифӣ шуд. Алҳол фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ташаккул ва он ба соҳаи мустақили ҳуқуқ табдил ёфта, дорои заминаи мукаммали қонунӣ гардидааст. Бо қабул шудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯйиро ба танзим медароранд (солҳои 1993, 1998 ва 2011), давраи нави инкишофи назария ва амалияи фаъолияти ин соҳа оғоз ёфт.

Дар такмил ва таҳкими назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва таъмини илмии чунин фаъолият ҳиссаи олимони ватанӣ ҷолиби диққат мебошад. Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал- лейтенанти милитсия Рамазон Раҳимов яке аз онҳост. То ин муддат зиёда аз 60 китоб, мақолаҳои илмӣ, дастурҳои методӣ-таълимии ӯ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ аз чоп баромадаанд.

Ҳамчун мутахассиси соҳибтаҷриба дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он низ эътироф гаштааст ва мунтазам дар маҷаллаҳои кишварҳои хориҷӣ дастовардҳои илмии ӯ ба чоп мерасанд.

Аз ҷумла ӯ дар яке аз маҷаллаҳои бонуфузи давлатҳои аъзои ИДМ «Сыщик» (ш.Москва), ки дар он масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ таҳлилу баррасӣ мегарданд, доимо оид ба ин мавзӯъ, тарзу усулҳои муосири мубориза бо ҷинояткории трансмиллӣ, профилактикаи оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва ғайра маводи ҷолибу хонданӣ нашр менамояд.

Мавриди тазаккур аст, ки ин маҷалла ба феҳристи нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия шомил аст, ки ин аз обрую эътибори маҷалла шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон Рамазон Раҳимов аз соли 2010 инҷониб, яъне аз давраи муовини аввали вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон будан, узви ҳайати таҳририяи ҳамин маҷалла низ мебошанд.

Китоби дарсии таълифнамудаи ӯ, ки имрӯз ба дасти хонандагон расидааст, натиҷаи заҳматҳои бисёрсолаи муаллиф буда, аз чор қисм, 15 боб ва 595 саҳифа иборат мебошад.

Курси таълимии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ» аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, барои боз ҳам баланд бардоштани малакаи касбии мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ аҳамияти хоса дорад.

Дар конфронс, аз ҷумла зикр гардид, ки дар таърихи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори нахуст аз ҷониби муаллиф тадқиқоти диссертатсионӣ доир ба самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ таълиф гардид ва айни замон ӯ ин кори худро давом дода истодааст.

Китоби дарсии мазкур барои кормандони оперативӣ, муфаттишон, судяҳо, прокуророн, адвокатҳо, донишҷӯён, аспирантону омӯзгорон, инчунин шаҳрвандон, ки ба масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ шавқ доранд, аз манфиат холӣ намебошад.

Воқеан, ба чоп расидани ин китоб хеле саривақтист. Зеро то имрӯз доир ба таълими фанни «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ» китоби дарсӣ бо забони тоҷикӣ мавҷуд набуд ва аз ин ҷиҳат ҳам устодон ва ҳам шогирдон дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар макотиби олии кишвар ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегаштанд. Аз тарафи дигар, китобҳои то ин вақт мавҷудбуда ҳама бо забони русӣ буда, бо риояи қонунгузории Федератсияи Россия иншо гардида буданд.

Китоби Рамазон Раҳимов бошад, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти шароиту хусусиятҳо ва таҷрибаи Тоҷикистон иншо гардида, як навъ ҷамъбасти донишҳои назариявию илмӣ ва амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ дар кишварамон мебошад.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нашри китоби вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон -«Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ (қисми умумӣ) барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ» қарор қабул намуда, асари мазкурро ба сифати китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ тавсия намуд.

*М. АЪЗАМ, «Садои мардум»*

## Гар ҳаё набвад, барафтад расми исмат аз миён

Масъулияти сокини шаҳр, бахусус пойтахти кишвар будан басо калон аст. Шаҳрӣ бояд намунаи ибрат ва соҳиби маърифати баланд бошад. Хориҷиён аз намуди зоҳирӣ- сухангӯйӣ, тарзи либоспӯшӣ, ободиву тозагии шаҳр ба тамоми миллати тоҷик баҳо медиҳанд. Аз тариқи навори видео ва суратҳо маҳз марказ ва сокинони пойтахт ба ҷаҳониён муаррифӣ мегарданд. Аз ин рӯ, дар сохтмони истиқоматгоҳ, ороиши зоҳирии бино, ободии роҳраву кӯчаҳо ва ҳатто пӯшидани сару либос ҳам сокинони пойтахт бояд намуна бошанд.

Барои сокини шаҳр тозагӣ, рафтор ва гуфтори нек хеле муҳим аст.

*Ҳусни маҳрӯёни маҷлис*
*гарчи дил мебурду дин,*
*Баҳси мо дар лутфи*
*табъу хубии ахлоқ буд.*

Мутаассифона, баъзан дағалгуфтории марду занеро дар нақлиёти ҷамъиятӣ ё раставу дӯконҳои шаҳр бо гӯши худ шунида, хиҷолат мекашем. Ин қабилҳо сари ҷаҳл дар гирду атрофашон будани кӯдакону наврасон, хусусан модаронро, гӯё эҳсос намекунанд ё эҳсос кунанд ҳам, парво надоранд. Ба ин манзур шоир фармуда:

*Гар ҳаё набвад, барафтад*
*расми исмат аз миён,*
*В- ар ҳиҷобе дар миён аст,*
*аз тақозои ҳаёст.*

Бале, шаҳпояи фарҳангу маънавиёти мо –тоҷикон панду ҳикмат, зарбулмасалу мақол, иборaҳои рехтаи ахлоқӣ буд ва он анъанаҳои чандсолаи мактаби таълиму тарбия набояд фаромӯш шавад. Пирони рӯзгордида, волидайн, омӯзгорону устодон, хуллас аҳли ҷомеаро зарур аст, ки ба масъалаи тарбияи наврасону ҷавонон ҳам дар хона ва ҳам дар кӯча аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Камбуди дигаре, ки ислоҳи он зарур аст ва барои Душанбеи зебо зебанда нест, ин ифлосии баъзе кӯчаю маҳаллаҳои аҳолинишин мебошад. Шояд бисёриҳо мушоҳида карда бошанд, ки партовҳоро аксар бо супориши волидайн наврасон ба кӯча мебароранд, вале наврасон то партовгоҳ нарасида, бехи буттаҳо ё канори ҷӯйбору роҳравҳо партовҳоро партофта, зуд ба қафо бармегарданд. Чанде пеш дар кӯчаи Шамсӣ биноҳои 18 ва 12- и шаҳрчаи 82-юм партовҳои мардумро дида, табъам хира шуд. Ҳол он ки аз биноҳои истиқоматии мазкур то қутиҳои партов ҳамагӣ 15-17 метр роҳ аст. Чунин ҳолатҳоро дар баъзе гузаргоҳои зери биноҳои истиқоматӣ низ воҳӯрдан мумкин аст. Вақте ин ҳолатро мушоҳида мекардам, бо профессор Нодир Одилов рӯ ба рӯ шудам. Устод дар ин робита гуфтанд:

- Рости гап, чунин ҳолатро бори аввал мебинам. Ҳар рӯз дар кӯчаҳои шаҳр бисёр роҳ мегардам, аз шаҳри Душанбе зеботар шаҳрро то ҳол надидаам. Тақрибан 50 сол пеш ба шаҳри Қоҳираи давлати Миср сафар карда будам. Он ифлостарин шаҳр ба ҳисоб мерафт. Ҳатто ёдам ҳаст, ки ҳангоми таъом хӯрдан, табъам хира гашта буд. Яъне , ман чӣ гуфтаниам? Имрӯз ба шаҳри мо меҳмонон аз хориҷа зиёд меоянд. Агар онҳо ин ҳолатро бинанд, ба мо чӣ гуна баҳо медиҳанд, худ тасаввур намоед. Ман пешниҳод дорам, ки раисони маҳаллаҳо ақаллан ҳафтае як маротиба ҷамъ омада, ин ҳолатҳои ногуворро биомӯзанду таҳлил кунанд.

Ду рӯз пеш ҳангоми ба кор омадан дар дохили нақлиёти ҷамъиятӣ- хатсайри 13, дар рӯ ба рӯйи маҳаллаи Ҳаёти нав (аз тарафи рост) ногоҳ чашмам ба духтараки тақрибан 18- сола афтод. Вай дар даст халтаи селофаниеро, ки даруни он яқин партов буд, аз дохили хона ба берун баровaрда, ин тарафу он тараф нигоҳ карда, ба гӯшаи роҳ, зери буттачае гузошт. Баъди ба хона баргаштанаш оё меандешида бошад, ки ин кораш хуб буд ё бад? Худо медонад.

Ободии шаҳр ва тозагӣ маҳсули солимии тафаккури инсон аст. Дарки он ки мо як ҷузъи ногусастаи табиат ҳастем ва замин хонаи мосту онро тозаву озода бояд нигоҳ дошт, маҳз аз идроки шахсии мо бармеояд.

Тоза нигоҳ доштани роҳраву кӯчаҳои шаҳр бояд амали муқаррарию қарзи виҷдонии ҳар як шаҳрванд бошад. Партофтани коғазпораю пору, пучоқи офтобпарасту писта дар дохили нақлиёт, роҳҳои мошингарду пиёдагарди шаҳр, бетафовуту бепарво будани ашхос нисбат ба моликияти ҷамъиятӣ зебандаи сокини пойтахт нест!

*Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»*




### Ҷаласаи аввалин баргузор шуд

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Сеюми апрели соли ҷорӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи нахустини Ситоди ҷумҳуриявии мубориза бар зидди малах баргузор гардид. Дар ҷамъомад масъалаҳо оид ба корҳои ба сомон расонида ҷиҳати пешгирии паҳншавӣ ва зарари малах ба зироатҳои кишоварзӣ, боғу ток ва чарогоҳҳо дар соли 2011 ва таҷдиди захираҳои моддӣ – техникӣ, қувваи корӣ ва таҷҳизот барои соли 2012, ташхис,таҳлил ва пешгӯйии масоҳати паҳншавии малах дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, рафти омодагӣ ба муборизаи зидди малах дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

### Волидон ҷарима шуданд

**РОҒУН. (Ҳ. САФАР)** Гурӯҳи таблиғотии Суди шаҳри Роғун баҳри татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» як қатор корҳои амалиро анҷом доданд. Ҳайати гурӯҳ давоми се моҳ дар ташкилоту муассисаҳо, ҷамоатҳои деҳот ва таълимгоҳҳо воҳӯриву мулоқот гузаронида, моҳияти ин қонунро фаҳмониданд.

-Ин аз ҷумлаи тадбирҳоест баҳри пешгирии қонунвайронкунии ноболиғон ва баланд бардоштани масъулияти падару модарон. Давоми се моҳ нисбати волидони чор нафар ноболиғе, ки ба дуздии молу амволи мардум даст зада буданд ва як ноболиғе, ки ба нафаре ҷароҳати сабуки ҷисмонӣ расонида буд, парвандаи маъмурӣ баррасӣ гардида, дар доираи талаботи қонун онҳо ҷарима карда шуданд,- гуфт раиси Суди шаҳри Роғун Садриддин Тошов.

### Дар кӯҳистон ҳанӯз зимистон аст

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Зимистони сарду тӯлонӣ вазъи бунёди боғу токзорро то дараҷае мушкил намуд. Бинобар маълумоти оморӣ, то имрӯз дар гурӯҳи навоҳии минтақаи Кӯлоб наздик ба 1000 гектар боғу токзор бунёд шудааст, ки ин нишондод нисбати нақшаи дурнамо 3400 гектар кам мебошад.

Сардори Раёсати кишоварзии минтақа Ҳаким Каримов вазъи бамиёномадаро шарҳ дода, чунин гуфт: - Имсол баҳор хеле дер омад. Аммо вақт ҳоло аз даст нарафтааст, ноҳияҳои водӣ имкони хубу пурра доранд, ки рӯзҳои наздик нақшаи дурнаморо иҷро намоянд. Дар ноҳияҳои кӯҳистон, ба амсоли Ховалинг, Шӯрообод, Балҷувон ва Мӯъминобод бошад, то ҳол зимистони сард ҳукмфармо аст ва мардум интизори ҳар чӣ зудтар об гардидани барф ва муташаккилона шурӯъ намудан ба мавсими ниҳолшинониaнд.

### Майдони кишти картошка зиёд карда шуд

**ПАНҶАКЕНТ. (Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»)** Тибқи иттилои муовини аввали раиси шаҳри Панҷакент Бобоҷон Домуллоев, соли равон майдони кишти картошка дар хоҷагиҳои шаҳр 4,5 маротиба зиёд хоҳад шуд. Бино ба гуфти мавсуф, соли гузашта кишоварзони шаҳр дар майдони 450 гектар картошка кишт намуда буданд. Имсол бошад, расонидани ин нишондиҳанда ба 2000 гектар дар назар аст. Бо ин мақсад аз ноҳияи Ғончӣ тухми картошка дастрас шудааст.

### Сол ҳосилхез мешавад

**ҒОНЧӢ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Ғаллакорони ноҳия ният доранд дар майдони 2 ҳазор гектар замини обӣ кишти баҳорӣ гузаронанд. Алҳол кишт дар заминҳои лалмӣ низ оғоз шудааст. Кишти баҳорӣ махсусан дар мавзеъҳои Қизилӣ, Даштиком ва Яхтан вусъат ёфтааст. Ҳамчунин дар ноҳия кишти навъҳои дигари зироат ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла дар майдони 255 гектар полезӣ, 434 гектар сабзавот, 200 гектар пиёз, 190 гектар сабзӣ кошта мешавад.

### Ниҳолшинонӣ оғоз шуд

**ИСФАРА. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Исфара маъракаи ниҳолшинонӣ вусъати тоза пайдо кард. То ин вақт дар майдони 12 гектар боғи нав бунёд гардида, хоҷагиҳои «Дӯстӣ», «Гузари Эшон», «Шӯртан» ва ба номи Каттаев пешсаф мебошанд. -Ҳамчунин аз нав барқарор кардани боғҳо идома дошта, обёрии зироатҳои ғаллагӣ оғоз шудааст,- мегӯяд корманди масъули умури кишоварзӣ Аъзамҷон Хоҷаев. То ин дам кишоварзон зиёда аз 1000 гектар боғотро ба тартиб оварда, дар майдони зиёда аз 50 гектар коркарди кимиёвӣ гузарониданд.

### Рӯзи даъватшавандагон доир гардид

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Ба муносибати оғози маъракаи баҳории даъвати навҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа Рӯзи даъватшаванда барпо гардид. Раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал дар назди ҷавонони даъватшаванда, ки аксаран ихтиёрӣ буданд, суханронӣ намуда, ба онҳо сиҳатию саломатӣ, хизмати содиқона ба Ватанро таманно намуд.

Дар ҷамъомад афсарону волидайни ҷавонон ва даъватшавандагон ибрози назар карданд. Дар охир раиси вилоят ба наваскарон тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуд.

### Сагҳои дайду ба одамон осеб мерасонанд

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** -Давоми ду моҳи соли равон 180 нафар сокинони ноҳияи Восеъ аз сагҳои дайду ва аз назорат дур ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд,- иброз намуд дар ҷаласаи назоратии роҳбарони ташкилоту муассисаҳои минтақа муовини раиси вилояти Хатлон Абдуҷаббор Баҳодуров. Зимни шарҳи ин ҳодисаҳо сардухтури Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии минтақаи Кӯлоб С. Аламов зикр намуд, ки мутаассифона, сарфи назар аз тадбиру чораҳои зиёди дар ноҳия андешидашуда, ҳодисаҳои зиёди аз ҷониби сагҳои дайду осеб дидани одамони синну соли гуногун бештар ба чашм мерасад. Ба қавли сардухтур, 83 фоизи сагҳои ба одамон осебрасонда соҳибони воқеии худро доранд ва аз ин рӯ нисбати чунин соҳибони бепарво тадбирҳои маъмурӣ андешида мешавад.

### Фестивал идома дорад

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар доираи Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Дӯстии халқҳо»-и шаҳри Душанбе, Китобхонаи марказии пойтахт ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, қасрҳои фарҳанги шаҳри Роғун ва ноҳияи Файзобод бо иштироки адибон маҳфилҳои адабӣ-бадеӣ баргузор гардид. Маҳфили адабие, ки таҳти унвони «Шоир андар синаи миллат дил аст» Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар доир намуд, ба 80- солагии Мӯъмин Қаноат бахшида шуд. Тавассути ин чорабиниҳо наврасону ҷавонон ба китобу китобхонӣ ҷалб шуда, ҳамзамон бо шоиру нависандагон аз наздик мулоқот мекунанд. Фестивал то 9 апрел идома меёбад.

*Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

● Шамъи хотира

# ИНСОНИ НЕК ВА МАРДИ ТАВОНО

Бори нахуст банда бо шоир Ғоиб Сафарзода моҳи октябри соли 1969 дар Матбааи рақами якум вохӯрдам. Он солҳо ман дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳозира «Ҷавонони Тоҷикистон») ба сифати мусаҳҳеҳ фаъолият доштам ва бо меҳру муҳаббати хоса бо қаламкашони дигар рӯзномаву маҷаллаҳо робита доштем.

Ӯ он солҳо дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», «Ҷумҳурият» - и ҳозира яке аз кормандони ташаббускор буд.

Ҳарчанд аз нахустин дидор бо ин шахси қадрдон анқариб 43 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, чеҳраи нуронӣ ва нигоҳи гарми ӯ пеши назар меояд. Пеши назар меояду дарёи самимият ва ҳурмату эҳтиром нисбати ӯ туғён мекунад. Бо соддагӣ худро тасалло медиҳам, ки не, ӯ зинда аст. Оре, ӯ бо мероси адабияш зинда аст.

… Зеро ки гуфтааст:

*Зи тарҳи зиндагӣ огози*
*худ ҷӯй,*
*Баландӣ ҷӯй, аз парвози*
*худ ҷӯй,*
*Ки хезад аз вуҷуди*
*зиндагонӣ*
*Нидое дар ҳавои шодмонӣ,*
*Диле пуршӯр омад, боз*
*бигзашт,*
*Уқобе буд, дар парвоз*
*бигзашт…*

Бале, Ғоиб Сафарзода чун уқоби баландпарвоз қуллаҳои баланду шукӯҳманди шеър, дониш ва фаҳмишро фатҳ кард ва дарвозаҳои навини эҷодӣ ба рӯяш боз шуданд, вале афсӯс...

Соли 1969 нашриёти «Ирфон» китобчаи устод Мирзо Турсунзодаро бо номи «Илҳом» аз чоп баровард ва Ғоиб Сафарзода ба он зери сарлавҳаи «Ашъори рӯҳбахш» як меҳрномаи самимӣ навишт ва андешаҳои нозуку самимии ӯ ба устод хуш омад. Ғоиб Сафарзода аз ҷумла менависад:

«Тасвири табиате, ки ба зиндагии гуворои мо рангу тароват ва ҷилваю ҷозибаи махсус мебахшад, дар эҷодиёти шоири маҳбуб мақоми бузург дорад. Дар «Силсилаи кӯҳи Ҳисор» - ном шеъри ӯ образи табиати кӯҳсори тоҷик бағоят мукаммалу пурқувват офарида шудааст. «Офтобро чун байрақи зафару машъали тобони ҳаёт ба сар афрохтани қуллаҳо» барин образҳои тобноку пухта шеърро ба андозае ҷозибанок кардаанд, ки бо як хондан дар хотири кас нақш мебандад. Аз паси ин виқори кӯҳсору саркаши қуллаҳо, ки шоир тасвир мекунад, симои шахсе ба чашм мерасад, ки дар ғурури бебокӣ ва бурдборӣ ба ин кӯҳҳо ва ин табиати афсонавӣ расорасӣ мекунад:

*Кӯҳҳо, ки ба замин пой фурӯ*
*сохтаанд,*
*Қуллаҳо рахна ба сақфи*
*фалак андохтаанд.*
*Мисли байрақи зафар,*
*машъали тобони ҳаёт,*
*Офтоби саҳариро ба сар*
*афрохтаанд».*

Ғоиб Сафарзода ҳамеша серкор буд. Ӯ дар баробари иҷрои вазифаи хизматӣ, яъне рӯзноманигорӣ, муҳити адабии рӯзмарраро хеле ҷиддӣ ва дақиқ ба мушоҳида гирифта, мехонду таҳлил мекард. То ба ҳамон андозае меомӯхт, ки вақти дар ин ва ё он мавзӯъ ибрози назар намудан чун заргари ҳақиқӣ ва дақиққор худро шиносонида буд. Ғоиб Сафарзода ҳангоми ибрози назар намудани оиди ин ва ё он мавзӯъ басо ҷиддӣ, дилсӯзона, беғаразона ва мантиқӣ ҳарф мезад. Ӯ бо зеҳни тезу иродаи қавӣ ҳар як хишти сухани худро дар деворҳои бинои андешаҳо чунон мечид, ки аксу маънии он тез ба дили хонанда ҷой мешуд. Шоир ҳанӯз соли 1969 дар мақолаи «Образи ҳамзамононро офарем» вобаста ба вазъи ҳамонрӯзаи адабиёт мухтасар, вале хеле дилчаспу воқеӣ ибрози назар намуда, дар радифи рушду нумӯи адабиёт холисона ва пурмаъно сухан карда, аз ҷумла гуфтааст: «Вале ботаассуф қайд кардан лозим аст, ки мавзӯи муосир ҳанӯз ҳам ҷиддан мавриди фикру андешаи адибон қарор нагирифтааст. Ба ин мавзӯъ нависандагони пуртаҷрибаи мо кам даст мезананд, ҳатто ба ҳикоя барин жанри хурду тез ба нишон мерасидагӣ ва ба очерк барин жанри ҷанговару рӯзмарра хеле ва хеле кам муроҷиат мекунанд ва муддатҳои дароз хонандаи худро интизор мегардонанд». Ба назар чунин мерасад, ки гӯё ин хулоса навакак гуфта шуда бошад.

Устоди зиндаёд Ғоиб Сафарзода дар баробари эҷод намудани шеър аз хусуси эҷодиёти шоирони ҷавон дилсӯзона, бо сафову самар ҳарф зада, бо ҳиммати баланди ҷавонмардӣ изҳори назар мекард. Банда борҳо шоҳид будам, ки ӯ рӯзҳои ба матбаа омаданаш саҳифаҳои адабии «Комсомоли Тоҷикистон» - ро дархост карда, мутолиа намуда, завқ мебурд ва маслиҳату хешро дареғ намедошт. Ман ӯро ҳамин хел шинохтам: шоир ва инсони тавоно.

Ҳанӯз соли 1970, яъне 43 сол қабл аз ин, Ғоиб Сафарзода дар мақолаи «Адиби ҷавон» навиштааст: «Вақте аз хусуси комёбиҳо ҳарф мезанем, беихтиёр аз он хусус андеша мекунем, ки оё насли нави адибони ҷавонеро дастгирию тарбия карда тавонистаем, то битавонанд давомдиҳандагони сазовори кори пуршарафи устодони худ бошанд. Битавонанд бо пайраҳаҳои хоси эҷодӣ қадамзанон адабиётамонро ба сӯи баландмазмунию пуробурангӣ пеш баранд? Ва ба худ ҷавоб медиҳем, оре, имрӯз ин гуна ҷавонони умедбахшро дорем. Онҳо Ш. Лоиқ, Ҳ. Мавҷуда, Ш. Ёдгорӣ, А. Озод, Ҳ. Файзулло, М. Бахтӣ, К. Гулназар, С. Гулрухсор ва бисёр дигаронанд, ки бо аввалин маҷмӯа ва офаридаҳои худ хонандаи тоҷикро шодмон гардонидаанд».

Шоири закию донишманд ва фурӯтан Ғоиб Сафарзода забони ноби тоҷикиро хеле ва хеле хуб медонист, зеро ӯ ҳам аз модари пурдону хушзабонаш ва ҳам аз муҳити фарҳангии зодгоҳаш, ки реша ба умқи панду ҳикмат, байту ғазал, достону рубоӣ, қиссаву ривоят дошт, аз хурдӣ, барои худ маънӣ гирифта, бо фаросати ирсӣ ва салобати фарҳангии авлодӣ то ҳадду сарҳади сухан расидааст. Мутаассифона, ӯ чун китоби нохонда, ҳаётро бо ғӯррамаргӣ падруд гуфт, вале дар мӯҳлати кӯтоҳ аз худ нақши нек ва ибратомӯз боқӣ гузошт.

Шаффофии забон ва тарзи баён дар ҳама давру замон яке аз масъалаҳои ҳассос, печида ва баҳснок маҳсуб меёбад. Рӯзноманигорони насли калон, ки алҳол ҳар яке дар ин ва ё он риштаи фарҳангӣ, эҷодӣ ва адабӣ соҳибмактаб шудаанд, он солҳо баъзан дар атрофи як калима ё ибора баҳсҳои доманадор мекарданд. Банда бештар шоҳиди баҳсҳои ғайрирасмии онҳо мешудам ва аз ҷараёни сӯҳбаташон ҷаҳон –ҷаҳон маънӣ мебардоштам. Хосатан баҳсу мунозираҳои адибону рӯзноманигорони саршиноси давр Ф. Муҳаммадиев, Ш. Ёдгорӣ, М. Наҷмиддинов, Нур Табаров, М. Муҳаббатшоев ва дигарон хотирмону пандомӯз буд.

Устод Ғоиб Сафарзода ором, бо тамкини ба худ хос ибрози назар доштанд. Кам мегуфтанд, вале панд мегуфтанд. Лафзи зебою лаҳни ширин ва қиёфаи дар назари аввал басо ҷиддии ин марди шариф чунину чунонҳои зиёд дошт. Дониши амиқу густурдаи ӯ басо мантиқӣ ва боварибахш ҷилва мекард. Андешаҳои суханаш чун парастуи хушбол дар фазои фарҳанг басо нарм ва зебо бол мезад. Оре, ман ӯро ҳамин хел дарёфтам.

Соли 1966 мақолаи устод Ғоиб Сафарзода таҳти унвони «Хушоҳангӣ ва суфтагии забон – ҷозибаи он» дар матбуот (шояд «Тоҷикистони советӣ» бошад) чоп шуд.

Дар мақола, аз ҷумла омадааст: «… Бояд гуфт, ки фаҳмогии забон як чиз асту равонию суфтагии он чизи дигар. Барои он ки забони адабӣ ҳамеша пероҳани ҳусну назокат дар бар дошта бошад, пеш аз ҳама, ба нафису оҳангнок ва зебою рангоранг ифода кардани фикр диққат додан лозим. Калимаҳо дар рафти асрҳо дар заминаи тараққӣ ва такомули забон мазмунан бо ҳам кафшер шуда, таркибҳои зебою устуворро ташкил додаанд. Ҷумласозиҳо ва ибораороиҳое пайдо гардидаанд, ки онҳоро табъу ҳиссиёти мардуми тоҷик писандида ва эътироф кардааст ва агар касе калимаҳоро дар ҷояшон нагузошта, таркиб ё ҷумла созад, онҳо дурушт ва гӯшхарош мебароянд».

Оре, дар сухани шоир тазоди мантиқӣ вуҷуд надорад ва имрӯз низ ин хулоса қобили қабул ва мавриди андеша хоҳад буд.

Ғоиб Сафарзода он солҳо бо заҳмати бекарон ҷаҳду талош ва ҷавононро бедор карда, барои дарёфти дурри маънӣ ба дарёи пурталотуми на танҳо зиндагӣ, балки илму фарҳанг, ғарқ карда буданд. Мӯҳтавои ин мантиқи воло дар часпо-часпи ҳаёт ҷило андар ҷило додааст.

Сӯҳбатҳои мутафаккиронаи ӯ ҳаргиз хотиршикан набуданд. Ин сӯҳбатҳо аз танӯри гарми қалби як нафар фарзанди фарзонаи тоҷик берун шуда, чун офтобу моҳтоб ҷилва карданд ва ҷилва хоҳанд кард.

Он солҳо мо, ҷавонон, аз гуфтаҳои комилан мантиқии Ғоиб Сафарзода болу пар мекушодем. Баҳсҳои тӯлонӣ рӯҳи аҳли сӯҳбатро шод мекард. Чашмаҳои софу шаффофи дилҳо шаффофтар мешуд. Оре, мо ӯро ҳамин хел шинохтем. Ҳар мард чунин бодо!..

Ғоиб Сафарзода ба тамоми паҳлӯҳои зиндагӣ мутаваҷҷеҳ буд. Хосатан гаштаву баргашта оиди забон «ҳастии миллат» сухан мегуфт, гузориш медод, менавишт. Магар ин сухани ӯ имрӯз кӯҳна шудааст, ки гуфтааст:

«Бисёр номҳои… шаҳру ноҳияҳоямон дар шакли ғалат машҳур гардидаанд. Чунончӣ, «Норак»-ро «Нурек, «Фархор»-ро «Пархар», «Нов»-ро «Нау», «Ҳисор»-ро «Гиссар» ва баъзеи дигар исмҳои хосро вайрон ва ҳатто маънии дигар дода менависанд. Шакли вайрони ин номҳоро бештар лавҳаҳои дар пеши автобусҳо часпонидашуда машҳур кардаанд. Охир, номи ин шаҳру ноҳияҳоро ҳамчун Душанбе дуруст талаффуз ва навиштан мумкин –ку. Агар исмҳои хосро ин тавр бемулоҳиза вайрон кардан гирем, оё хавфе ба миён намеояд, ки баъди гузаштани солҳо насли оянда дар хусуси дуруст будани кадом шакли ин номҳо аз нав баҳсу мунозира барпо мекунад?»

Оре, «Офтобро бо доман пӯшидан нашояд!..».

Устод Ғоиб Сафарзода, ки мероси гаронбаҳояш ҳанӯз ҳам пурра чоп нашудааст, дар тарҷума низ забардаст буд. Мӯҳтавои тарҷумаҳош ба нусхаҳои асл баробар аст. Оре, ӯ ҳамин хел буд. Дар 32 соли ҳаёташ бо сухан, бо чеҳраи нуронӣ ва характери қуръонӣ дар дилу дида боқӣ мондааст.

Бале, ӯро ман ҳамин хел дарёфтаам. Ҳар мард чунин бодо!..

***Муҳаммадҷон МИРЗОШОЕВ,***
***адиб***




# ТУРИЗМ БЕҲБУДИЮ ОСОИШ МЕОРАД

- Сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз самтҳои сердаромад, манбаи ғанӣ гардонидани буҷети давлат ва омили муҳими беҳтар шудани шароити зиндагии мардум маҳсуб мешавад. Масалан, даромади солони давлати Туркия аз соҳаи туризм дар як сол ба 20 миллиард доллар мерасад ва Тоҷикистон кишваре мебошад, ки он ҷо дар як вақт манзараҳои чор фасли солро метавон мушоҳида намуд. Он барои сайёҳӣ хеле қуллаю фоидаовар аст,-мегӯяд директори бахши дар Истаравшанбудаи ҶДММ «Суғдиён-Помир-Тур» Қаюм Ҳомидов.

Беҳуда нест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёмҳои ҳарсолааш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зимни мулоқотҳояш бо мардум мавриди ривоҷу равнақ додани туризм дар Тоҷикистон супоришу дастурҳои мушаххас медиҳад. Ӯ дар яке аз баромадҳои худ чунин зикр кардааст: «Ибтидои асри XXI барои мамлакати мо баробари пешрафти истеҳсолот ва коркарди захираҳои зеризаминӣ, асри инкишофи туризму сайёҳӣ хоҳад гардид». Зеро кишвари офтобрӯяи мо бо кӯҳҳои сарбафалак, водиҳои сарсабз, дарёҳои шӯхи кӯҳӣ ва оби софи чашмасоронаш дар ҷаҳон ҳамто надорад. Манзараҳои афсонавии Бадахшон, дараҳои Ромиту Варзобу Шаҳристону Балҷувон, ёдгориҳои қадимии Саразм, осори таърихии шаҳрҳои бостонии Истаравшану Хуҷанд, Панҷакенту Кӯлоб ва Ҳисор баёнгари тамаддуни бузурги мо буда, таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб месозанд. Рушди туризм имкон медиҳад, ки вазъи молиявии сокинони шаҳру деҳот беҳтар гардида, онҳоро ҳароина ба беҳтар нигоҳ доштани фазои фарҳангию суннатӣ водор месозад.

ҶДММ «Суғдиён-Помир-Тур» якчанд сол аст, ки фаъолият карда, дар ин самт таҷрибаи ғанӣ ҷамъ овардааст ва чандин ҳазор сайёҳон аз хизмати ин коргоҳ баҳра бурдаанд.

Бахши шаҳрии ҶДММ «Суғдиён-Помир-Тур» дар шаҳри Истаравшан расмӣ ба кор сар кард ва мо дар бобати ривоҷу равнақи ин соҳа нақшаҳои мушаххас мураттаб сохтаем,-мегӯяд сарвари бахш Қаюм Ҳомидов ва илова мекунад:

-Барои рушди ин навъи хизматрасонӣ дар аксар ҳолатҳо аз поён, яъне аз шаҳрвандоне, ки хоҳишу имкони дар хона қабул кардани сайёҳонро доранд, оғоз мешавад. Сайёҳони хориҷӣ, ки ба кӯҳнавардӣ, сафар ба минтақаҳои кӯҳистон тавассути автомобил ва велосипед, инчунин ба анъанаҳои этнографӣ, фарҳангӣ, расму оинҳои қадимаи миллӣ, хондани суруду таронаҳои халқӣ, ҳунарҳои халқӣ, ба монанди кандакорӣ, оҳангарӣ, кашидадӯзӣ, заргарӣ, кордсозӣ, кулолӣ, шонатарошӣ ва ғайра таваҷҷуҳ доранду аз наздик шинос шудан мехоҳанд, метавонанд ин ҳолатҳоро ба навор гиранд ва ё аксбардорӣ намоянд.

Косибон, дӯзандагон ва ҳунармандон низ метавонанд маҳсули ҳунари худро ба сайёҳон муаррифӣ кунанд, хонаҳояшон ва ҳайвоноти саворӣ, аз қабили асп, шутур ва маркабро ба иҷора диҳанд, барои сайёҳон анвои хӯрданӣ таҳия намоянд ва худ вазифаи роҳбаладиро иҷро кунанд.

Тибқи Низомнома, ширкати мо барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва мамолики хориҷӣ саёҳат ба ҷойҳои таърихию фарҳангии вилояти Суғд ва шаҳрҳои қадимии Самарқанду Бухоро, Хива, Тошканд ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, мамолики хориҷии дур, ба монанди Арабистони Саудӣ, Фаронса, Бритониё, Чин, Туркия, Олмон, Ҳиндустон, Миср ва ғайраро ташкил намуда, сифати хизматрасониҳоро кафолат медиҳад.

Мо ҳамчунин ният дорем ба табобатгоҳҳои машҳури Трусковеск, Минводи, Сочи, Кисловодск, Ессентуки тибқи хоҳиши ниёзмандон роҳхатҳо муҳайё намоем.

Сафар кардану ҷаҳон дидан агар ба мардум ба хотири беҳдошти сиҳату саломатӣ, тавсеаи ҷаҳонбиниву равнақи маърифаташ кӯмак намояд, сайёҳиву туризм барои кишвари мо, аз ҷумла шаҳри бостонии Истаравшан, манфиати молӣ оварда, ба ободӣ мусоидат хоҳад кард, -гуфт дар фарҷоми сӯҳбат Қаюм Ҳомидов.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 922/1-415 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Хокаи ҷомашӯии 480 грамм, ист. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон | куттӣ | 20400 | 17.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 923/1-416 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 43 | 30.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 924/1-417 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 31 | 17.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 925/1-418 | Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Либос | номгӯй | 9 | 17.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 926/1-419 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории авиатсионӣ -ТС-1 | сомонӣ | 70575 | 17.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 927/1-420 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 Сӯзишвории дизелӣ | сомонӣ | 40000 | 17.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 928/1-421 | Муассисаи давлатии Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 17.04.2012 соати $11^{30}$ |
| 929/1-422 | Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 6 | 30.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 930/1-423 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Кардиомонитор | дона | 1 | 17.04.2012 соати $14^{00}$ |
| 931/1-424 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сарулибоси расмӣ | баста | 170 | 30.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 932/1-425 | Корхонаи илмию истеҳсолии «Маводҳои биологӣ » | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 7 | 17.04.2012 соати $14^{30}$ |
| 933/1-426 | Хадамоти давлатии фелдъегерии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 46300 | 17.04.2012 соати $15^{00}$ |
| 934/1-427 | Омӯзишгоҳи махсуси касбӣ- техникии №1, шаҳри Душанбе | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Тахти хоби дуқабата (Дубай) Компютер (Хитой) | дона дона | 10 2 | 17.04.2012 соати $15^{30}$ |
| 949/1-428 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 Сӯзишвории дизелӣ | литр литр | 8000 3000 | 17.04.2012 соати $16^{00}$ |
| 935/2-313 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ, н.Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 13 | 17.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 936/2-314 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ, н.Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 7 | 17.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 937/2-315 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 2 | 17.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 938/2-316 | Беморхонаи шаҳрии кӯдаконаи бемориҳои сили ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 19 | 17.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 939/2-317 | Шӯъбаи маорифи н.Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 5 | 17.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 940/2-318 | Таваллудхонаи №2, ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 20 | 17.04.2012 соати $11^{30}$ |
| 941/2-319 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Либос | номгӯй | 4 | 17.04.2012 соати $14^{00}$ |
| 942/2-320 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Асфалти майдадона | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 30.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 943/2-321 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Асфалти майдадонаи гарм Битум | тонна тонна | 1000 20 | 30.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 944/3-170 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х .Исмоилов 227-04-75 | Лифт ва васлкунии он | маҷмӯъ | 1 | 30.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 945/3-171 | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х .Исмоилов 227-04-75 | Таъмири дохили бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 946/3-172 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х .Исмоилов 227-04-75 | Хизматрасонӣ оид ба таъмин, шинонидан, васл ва истифодабарии таҷҳизоти назорати видеоӣ ва муҳофизатӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 947/3-173 | Корхонаи воҳиди давлатии сохтмони асосии ноҳияи Рӯдакӣ | Х .Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони таҳкурсии мактаб барои 250 нафар дар як баст | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 948/3-174 | Кохи «Истиқлол», маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмир ва барқарор намудани гармхона | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 463/1-204 | Раёсати Қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензин Сӯзишвории дизелӣ | сомонӣ | 58000 | 17.04.2012 соати $16^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқаррargардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Музоядаи №9-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 7 майи соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бинои истеҳсолии сехи сангбурии Корхонаи воҳиди «Экспедитсияи иктишофии геологии Моғиён» | ш.Панҷакент, маҳаллаи Б.Холмуродов | 100 000 |
| 2 | Бино ва иншооти мошинсаройи ҶСК «Истаравшангаз» | ш.Истаравшан, кӯчаи Курышев 45 | 646 414 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 огоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 , ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

## Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

### 7 мая 2012 года проводит аукцион №9 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Производственный цех по резке камня УП «Экспедитсияи иктишофии геологии Моғиён» | г.Пенджикент, махалла им Б.Холмуродова | 100 000 |
| 2 | Здание и сооружения автогаража ОАО «Истаравшангаз» | г.Истаравшан, ул. Курышева 45 | 646 414 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Место проведение: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 и г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81,** а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ба ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамояд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 904/1 -407 | Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сару либоси низомӣ, нишонҳои низомӣ ва ҷиҳози хоб | номгӯй | 20 | 30.04.2012 9⁰⁰ |
| 905/1 -408 | Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи конселярӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва инвентар | номгӯй | 50 | 17.04.2012 9⁰⁰ |
| 906/1 -409 | Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | литр | 8400 | 17.04.2012 9³⁰ |
| 907/1 -410 | Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92<br>Бензини АИ-80<br>Сӯзишвории дизелӣ | сомонӣ<br>сомонӣ<br>сомонӣ | 40000<br>30000<br>30000 | 30.04.2012 9³⁰ |
| 908/1 -411 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Поккории либоси таг<br>Рахти хоб | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 17.04.2012 10⁰⁰ |
| 909/1 -412 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишворӣ | сомонӣ | 101750 | 30.04.2012 10³⁰ |
| 910/1 -413 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Хӯроки саг | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 17.04.2012 11⁰⁰ |
| 911/1 -414 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 17.04.2012 10⁰⁰ |
| 912/2 -309 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 13 | 17.04.2012 11³⁰ |
| 913/2 -310 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Равғанҳои молиданӣ | номгӯй | 5 | 17.04.2012 14⁰⁰ |
| 914/2 -311 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Нони қолабӣ (хлеб ) | дона | 15000 | 17.04.2012 10³⁰ |
| 915/2 -312 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №108, шаҳри Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 20 | 17.04.2012 9⁰⁰ |
| 916/3 -164 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №48, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории дохили бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.04.2012 9⁰⁰ |
| 917/3 -165 | Маркази ҷумҳуриявии бемориҳои дил | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири дохили бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.04.2012 9³⁰ |
| 918/3 -166 | Шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои маъмурии шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.04.2012 10⁰⁰ |
| 919/3 -167 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои ошхонаи кӯдакистони №136, н.Сино | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.04.2012 10³⁰ |
| 920/3 -168 | Мактаби таҳсилоти ибтидоии №14, ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Корҳои сохтмонӣ дар мактаби таҳсилоти ибтидоии №14 | тибқи санади нуқсонӣ | | 30.04.2012 11⁰⁰ |
| 921/3 -169 | Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Молҳои гуногун | номгӯй | 5 | 30.04.2012 11³⁰ |
| 526/3 -68 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Кабудизоркунии кӯчаи Н.Қарабоев ва девори Сирки давлатӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.04.2012 9⁰⁰ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➘ Шаҳрванд Ҳалимов Амриддин Давлатович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0188813 бо РЯМ 0930055959 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 12 октябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ Шаҳрванд Мухтаров Файзулло, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0161642 бо РЯМ 0230026308 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ 1 апрели соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ Шаҳрванд Давлатова Зумрат Қодировна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0026110 бо РЯМ 1430004245 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Файзобод 18 январи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ ҶДММ «Шомил», воқеъ дар ноҳияи Восеъ, дорои РМА 190003921, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Турдиев Хайридин Қудратович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0032524 бо РЯМ 0930010675 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 11 феврали соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ Шаҳрванд Шарипов Тоҳир Аҳрорович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0105067 бо РЯМ 0930031612 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 19 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ ҶДММ «Мурсал», воқеъ дар ноҳияи Рудакӣ, деҳаи Бурма, дорои РМА 1210000835, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ ҶДММ «Газовик», дорои РМА 070002856, РЯМ 0710006156, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Холова Ҳанифа Ғуломовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №803695 бо РЯМ 0430036475 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 майи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ ҶДММ «Хуршед-2010» дорои РМА 540006076, воқеъ дар ноҳияи Зафаробод, кӯчаи Ӯротеппа, бинои 1, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Имомова Юлдузхон Назаровна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0199737 бо РЯМ 0430097984 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 ноябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➘ ҶДММ «Кулма» таҳти №0106006 бо РЯМ 7510000337, воқеъ ноҳияи Мурғоб, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дипломи силсилаи Э №252383-и гумшуда, ки онро Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур) соли 1972 таҳти қайди №4897 ба Табаров Холназар Бобоевич додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшудаи силсилаи АБ №102203, ки онро Литсейи техникии коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ 20 июни соли 2000 ба Муминов Насим Абдурашидович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи №055442-и гумшуда, ки онро ҶДММ «Истиқлол-777» 25 майи соли 2011 ба Назаров Ҳотам Рустамович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, ҳавлии 131/1 ба Бобошоева Холбибӣ додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ТТ №000271-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе (ҳозира Коллеҷи тиббӣ) соли 1997 бо қайди 196 ба Юсупова Фотима Соибназаровна додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ЗТ №810767-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе (ҳозира Коллеҷи тиббӣ) соли 1993 ба Бурихонова Саломат Ашуровна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №2007/29-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ соли 2007 ба Каримов Илҳомидин Абдуқаюмович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №322-10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2010 ба Саид Махмуд додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи ГО №0855-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2008 ба Синои Зафарзод додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи № 493145-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбии техникии №30, шаҳри Душанбе соли 1986 ба Бафоев Саидмурод Нарзуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Институти политехникии Тоҷикистон (ҳозира ДТТ ба номи М. Осимӣ) соли 1987 ба Юнусов Қиёмиддин Ғафурович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯйии № ДО 7716-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2007 ба Ниёзов Далер Мирзомиддинович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи донишҷӯйии №ГО655-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2006 ба Азизов Хайриддин додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №035372 бо РМА 1430006454-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Файзобод 12 марти соли 2010 ба Холова Шарифмоҳ додааст, эътибор надорад.

***

Нусхаи аввали расиди ҳисоботии қатъии шакли 3-Ф, силсилаи НТ №0017531 мутааллиқ ба Зиёев Тошмурод, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор моҳи ноябри соли 2011 додааст, эътибор надорад.

***

Ҳисобнома-фактура аз рӯйи ААИ ва аксизҳои силсилаи ВВ №№ 168408, 168410, 168476-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ ба ҶДММ «Шомил» бо РМА 190003921 додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии гумшудаи силсилаи А, №021352, ки онро МТМУ №62 ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1992 ба Абдусатторов Тоҷиддин Қурбонбоевич додааст, эътибор надорад.

***

Мӯҳри гумшудаи хоҷагии деҳқонии «Зоҳидҷон»-и ноҳияи Мӯъминобод эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии силсилаи ГО №7058-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2007 ба Холов Зоҳидҷон Нуруллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи АБ №110079-и гумшуда, ки онро МТМУ №60-и ноҳияи Сино соли 2002 ба Ҳайдаров Қамариддин Турсунмуродович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Сино, бинои 134, ҳуҷраи 86 ба Ваҳобова Сайёра Насриддиновна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-1 ноҳияи Сино соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Сино, бинои 134, ҳуҷраи 86 ба Ваҳобова Сайёра Насриддиновна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи силсилаи Д, №001411-и гумшуда, ки онро ММТТ РҶНН 28 январи соли 2008 дар асоси протоколи №7 баAtторов Баҳриддин Тоҷидинович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №803695-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 майи соли 2010 ба Холова Ҳанифа Ғуломовна бо РЯМ 0430036475 додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ДТО №0024973-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи тиббии давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2006 бо қайди 138 ба Хоҷиева Зарина Абдухамидовна додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли №048034-и гумшуда, ки онро МТМУ №10-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ соли 1998 ба Сайфидинова Зухра Наҷмидиновна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №92103010165-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2006 ба Ёров Манзаршоҳ Мирмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

Садои МАРДУМ
Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 6 апрели соли 2012, соати 17.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26800 нусха

Навбатдорони шумора
Д. Мерганов ва М. Нуралиев

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова